Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

7 январи
соли 2015,
чоршанбе,
№2 (981)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# СИТОДИ ҲИЗБӢ БА КОР ОҒОЗ НАМУД

**Дирӯз ҷаласаи нахустини Ситоди маркази пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси Ситоди марказӣ, муовини якуми Раиси ҳизб Фаттоҳзода Саидмурод Самад барпо гардид. Мавсуф ҳини ифтитоҳи ҷаласа ва эълони рӯзномаи он иброз дошт, ки вобаста ба маъракаҳои муҳими дарпешистода - интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, тибқи қарори Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб аз 13 декабри соли 2013 Ситоди марказии пешазинтихоботии ҲХДТ таъсис дода шудааст. Дар робита ба интихоботи маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ низ ситодҳои маҳаллии интихоботӣ ташкил карда шуда, маъракаи таблиғу ташвиқи барномаҳои ҳизбӣ ва инфиродии номзадҳо пеш бурда мешавад.**




*саҳ. 2*

Ҷавонон ва ҷомеа

## БА ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ ҶАВОНОН ҶОМЕА МАСЪУЛ АСТ



*саҳ. 6*

Муҳоҷират

## МУҲОҶИРОН БАРМЕГАРДАНД. ЧӢ БОЯД КАРД?



*саҳ. 7*

Пешниҳод

## ҚОНУН БОЯД ДОГМА НАБОШАД



*саҳ. 8*

Ҳештаншиносӣ

## БУЗУРГОНЕ, КИ ТАМАДДУНРО ОФАРИДААНД



*саҳ. 9*

# СИТОДИ ҲИЗБӢ БА КОР ОҒОЗ НАМУД

**Дирӯз ҷаласаи нахустини Ситоди марказии пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси Ситоди марказӣ, муовини якуми Раиси ҳизб Фаттоҳзода Саидмурод Самад барпо гардид. Мавсуф ҳини ифтитоҳи ҷаласа ва эълони рӯзномаи он иброз дошт, ки вобаста ба маъракаҳои муҳими дарпешистода - интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, тибқи қарори Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб аз 13 декабри соли 2013 Ситоди марказии пешазинтихоботии ҲХДТ таъсис дода шудааст. Дар робита ба интихоботи маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ низ ситодҳои маҳаллии интихоботӣ ташкил карда шуда, маъракаи таблиғу ташвиқи барномаҳои ҳизбӣ ва инфиродии номзадҳо пеш бурда мешавад.**



**Раиси** Ситод С.Фаттоҳзода дар идомаи суханаш афзуд, ки дар Анҷумани XII Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Раиси ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба баргузории интихоботи дар пешистода мавқеи ҳизбро дар мавриди иштироки фаъолона дар ин маъракаи сиёсӣ баён дошта, барои озоду шаффоф ва демократӣ гузаштани он дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Раиси ҳизбамон номзадҳои ҳизбро аз рӯйхати ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ба вакилони Анҷуман муаррифӣ намуда, иброз доштанд, ки ҳар кадоми онҳо аз санҷиши ташкилотҳои ҳизбӣ гузаштаанд. Онҳо намояндагони касбу кори мухталиф, соҳибтаҷриба ва донишманду сухандон мебошанд. Бояд зикр намуд, ки шумораи ҷавонон дар миёни онҳо зиёданд ва чуноне мегӯянд, ҳамагӣ афроди технократ мебошанд.

Ҳамин тариқ, Ҷаноби Олӣ дастур доданд, ки дар ҳавзаҳои якмандата ҳам бояд шахсони соҳибихтисосу ташкилотчӣ ва кордону маърифати баланди ҳуқуқидошта пешбарӣ карда шаванд. Чуноне ки иттилоъ доред, ҳоло дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, шаҳру ноҳияҳо конференсияҳои ҳизбӣ баргузор шуда, номзадҳоро ба ҳавзаҳои якмандатӣ пешбарӣ карда истодаанд. Ҳизби мо то имрӯз қариб дар 20 ҳавза номзадҳои худро муаррифӣ ва пешбарӣ намудааст. Чуноне ки аз собиқаи кории онҳо маълум мешавад, номзадҳои мазкур шахсиятҳои соҳибэътибору варзида буда, дар миёни мардум мақому манзалати шоиста доранд.

Чи хеле ки дар боло тазаккур додам, пирӯзии онҳо низ ба фаъолияти таблиғотию ташвиқотии созмонҳои ҳизбӣ, гурӯҳҳои тарғиботӣ ва муаррифии барномаҳои онҳо вобастагӣ дорад. Меҳвари асосии барномаҳои ҳар кадом номзади пешбаришуда бояд Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бошад.

Дар баробари ин таъкид намудан зарур аст, ки Барномаи пешазинтихоботии ҳар як номзад бояд нуктаи муҳиму ҷолиб дошта бошад, то ки таваҷҷуҳи интихобкунандаро ба худ ҷалб карда, эътимод ҳосил намояд, ки ҳайати нави вакилон бо қабули қарору қонунҳо низоми ҳуқуқии кишварро таҳким бахшида, сатҳи зиндагии мардумро беҳтару хубтар менамоянд.

Дар муқоиса бо дигар ҳизбу ҳаракатҳо мо чизи таблиғу ташвиқ мекардагӣ дорем. Дар давоми беш аз 20 соли Истиқлолияти давлатӣ ба дастовардҳои бузург ноил гаштем. Пеш аз ҳама мамлакатро аз буҳрони амиқи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ наҷот додем. Гурезаҳоро комилан аз хориҷи кишвар баргардондем. Сатҳи камбизоатиро ба маротиб поён бурдем. Афзоиши Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ солона ба 5-7 дарсад мерасад.

Садҳо километр роҳҳо, нақбҳо ва пулҳо сохта шуда, Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионии дохилӣ раҳо шуд. Сохтмони иншоотҳои таъйиноти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию варзишӣ вусъат пайдо кард. Симои шаҳру деҳот хеле тағйир ёфт. Соҳаи кишоварзӣ бо талошҳои Сарвари давлат равнақи тоза пайдо кард. Садҳо корхонаҳои нав сохта ба истифода дода шуданд. Танҳо дар давоми соли гузашта дар мамлакат беш аз 220 ҳазор ҷойи нави корӣ муҳайё гардид.

Дар баробари ин ба авзои сиёсии минтақа ва ҷаҳон, таҳаввулоти дар ҷаҳони ислом ба амал омадаистода, давлати навпайдои исломӣ, гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнӯъ, ба амалҳои ба ном ҷиҳод пайвастани ҷавонон ва пешгирии равандҳои дигари номатлуб эътибори зарурӣ додан лозим аст. Дар масъалаи ба ҷо овардани фаризаҳои дини мубини ислом қотеона гуфтан лозим аст, ки давлату ҳукумат ҳаргиз барои ин муқаррарот монеа эҷод накардааст. Баръакс, барои бунёди масҷидҳо, ба зиёрати хонаи Худо рафтани мардум, роҳандозии таълиму тарбияи дини мубини ислом ва ғайра шароити муносибе муҳайё карда шудааст.

Дар сиёсати хориҷӣ низ пешрафтҳои қобили мулоҳиза дорем. Тоҷикистон узвияти ҳамаи созмонҳои байналхалқиро соҳиб гаштааст. Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳои оламшумулаш обрӯи кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ баланд бардошта истодааст. Нишасти сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар соли гузашта дар шаҳри Душанбе нишон дод, ки Тоҷикистон қодир аст ҳама гуна чорабиниҳои сатҳи ҷаҳониро тибқи меъёрҳои байналмилалӣ доир намояд.

Ташкилотҳои ҳизбӣ бояд ба омода сохтану омӯзондани нозирону мушоҳидони ҳизбӣ, ки дар ҳавзаю қитъаҳои интихоботӣ вобаста мешаванд, эътибори ҷиддӣ диҳанд. Дар ин мавриддмо ҳам мутахассис ва ҳам таҷрибаи кофӣ дорем.

Чуноне ки Президенти мамлакат, Раиси муҳтарами ҳизбамон Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, маъракаҳои сиёсӣ чун интихоботҳои ҳамаи зинаҳои намояндагӣ на барои ба тарафдорону мухолифони ҳукумат ҷудо шудани ҷомеа, балки барои сарҷамъию ваҳдати миллӣ, таҳкими сулҳу суботи саросарӣ бояд мусоидат намояд. Дар ин масъала ҳизби мо нақши хубу шоиста гузошта метавонад.

Сипас, нақшаи фаъолияти Ситод ва тавсияҳо барои роҳандозии кори таблиғотию ташвиқотӣ ба аъзои Ситод муаррифӣ ва тасдиқ карда шуд.

Мудири шуъбаи ташкилии Дастгоҳи КИМ ҲХДТ, ҳамоҳангсози Ситоди марказӣ Н. Расулзода зимни баррасии масъалаи дуюми рӯзнома иброз дошт, ки ҷиҳати ба роҳ мондани таблиғу ташвиқи Барномаи пешазинтихоботии ҲХДТ, баланд бардоштани самараи кори ташвиқоти ҳизбӣ, ҳамоҳанг сохтани фаъолияти ситодҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо бо Ситоди марказии пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аъзои Ситоди марказӣ ба 6 зергурӯҳ тақсим карда шудаанд. Рӯйхати ҳар кадоми ин зергурӯҳҳо қироат карда шуд.

Ҷаласаро раиси Ситод С.Фаттоҳзода ҷамъбаст намуда, дар маъракаи омодагӣ ва таблиғу ташвиқи Барномаи ҳизб ва номзадҳои он барори кор ва муваффақият хост.

**Усмон СОЛЕҲ,**
*сухангӯи ҲХДТ*

Ҳаёти ҳизб

# Номзадҳои мо пешбарӣ мешаванд

**Аз 31 декабри соли 2014 конфронсҳои кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар кори худро оғоз карданд. Дар ин рӯз конфронси шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Сарбанд ва ноҳияи Бохтар баргузор гардид. Дар конфронс масъалаи пешбарии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуд.**

Дар рафти конфронс номзадии генерал-майори милиса, сардори Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Хатлон Анвар Тағоймуродов ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешбарӣ гардид ва аз ҷониби вакилони конфрос дастгирӣ ёфт.

Конфронси муштараки ноҳияи Данғара ва шаҳри Норак бошад, рӯзи 5 январи соли ҷорӣ баргузор шуд, ки дар кори он 135 вакил ширкат доштанд. Вакилон бо овоздиҳии пинҳонӣ номзадии Қурбозода Ҳилолбӣ Ҷумъахонро ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ карданд.

Конфронси муштараки кумитаҳои иҷроияи ҳизбии ноҳияҳои Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, ҷамоатҳои деҳоти Лоиқ Шералӣ, Рӯдакӣ ва Ворӯи шаҳри Панҷакент санаи 5 январи соли равон доир гардид. Пас аз баррасии масъалаи асосӣ- пешбарии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ вакилони конфронс ба ҷонибдории Олим Салимзода овоз доданд.

Дар ВМКБ конфронси комиҷроияҳои ҳизбӣ аз рӯзи 3 январ шурӯъ шуд. Дар ин рӯз ба таври муштарак Конференсияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Рӯшон ва Шуғнон баргузор гардид. Вакилони конфронс номзадии ёрдамчии мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзадор Муҳаббатшоҳро пешбарӣ карданд.

Ҳамчунин Конфронси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ҳавзаи яккамандатии интихоботи Хоруғ №41 доир гардид, ки дар он вакилон аз ноҳияҳои Роштқалъа, Ишкошим, Мурғоб, ҷамоати деҳоти Ванқалъаи ноҳияи Шуғнон ва шаҳри Хоруғ иштирок карданд. Дар ин конфронс номзадии Акрамшо Фелалиев-вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, раиси Фраксия ҲХДТ дар парлумон пешбарӣ шуд.

Конфронсҳои Кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ идома доранд.

*Таҳияи* **Толиби ЛУҚМОН**

# ИСФАРА: СИТОДИ ИНТИХОБОТӢ ТАЪСИС ЁФТ

**Маҷлиси навбатии кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара доир гардид. Дар он масъалаҳои таъсиси ситоди "Интихобот-2015", нақшаҳои кори ситод, тақвияти ҳайати гурӯҳҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва таҳлилӣ, нақши аъзои ҳизб дар маъракаи интихобот ва таҳияву дастраси тарғиботчиён гардонидани маводҳои зарурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Сараввал раиси кумитаи иҷроия М.Эгамов зикр намуд, ки мутобиқ ба Фармони Президенти кишвар санаи 1 март Рӯзи интихобот таъин карда шудааст ва аз тарафи Маҷлисҳои вилоятиву шаҳрии вакилони халқ, ҳайати комиссияҳои интихоботӣ муайян карда шудаанд. Инчунин аз рӯйи қарори КМИР дар Исфара низ ҳавзаи яккамандатии № 20 барои Маҷлиси намояндагон ба кори шуд шурӯъ кард. Аз ҷониби кумитаи иҷроияи шаҳрӣ ҳамчун сохтори идоракунии ҲХДТ дар Исфара ба ҳайати ин комиссияҳо ва умуман ҳамаи комиссияҳои марбут ба интихобот намояндагони ҲХДТ пешниҳод ва ворид карда шудаанд.

-Бояд гуфт, ки - қайд намуд М.Эгамов дар идомаи суханони худ, - аз рӯйи барқияи аз ҷониби комиссияи ҳавзавии интихобот ба интихоботи Маҷлиси намояндагон ирсолшуда моро зарур аст, то 15 январ номзади худро ба ҳавзаи интихоботии Исфара №20 пешбарӣ намоем. Инчунин барои тарғибу ташвиқи Барномаи пешазинтихоботии ҲХДТ, ки дар Анҷумани 12-уми ҲХДТ қабул шудааст, номзадҳои худ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ситоди "Интихобот-2015"-ро таъсис диҳем.

Сипас, аъзои кумитаи иҷроия М.Шарипов, М.Алиматова, С.Ҳусейнова ва чанде дигарон андешаҳои худро баён доштанд. Аз ҷумла қайд карданд, ки бояд ҳайати гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои тарғиботию ташвиқотӣ такмил ва аз ҳисоби наттоқону шахсони барӯманд тақвият дода шавад. Инчунин маҷлисҳои ситод мунтазам доир ва дар он вазъи сиёсии ҳар як ҳудуди овоздиҳӣ ва участкаҳои интихоботӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ карда шаванд.

Аз рӯйи масъалаҳои баррасишаванда маҷлиси кумитаи иҷроияи шаҳрӣ қарорҳои дахлдор қабул намуд. Аз ҷумла, ситоди шаҳрии интихобот дар ҳайати 37 нафар, чор гурӯҳ ва шаш зергурӯҳ таъсис дода шуд.

**«МХ»**

Нишасти матбуотӣ

*Маркази таткиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли сипаришуда, дар самти таҳлили равандҳои ҷорӣ ваояндаи рушди ҷомеа дар баробари масъалаи мубрам, аз ҷумла ба масъалаи таҳдидҳои дохилию хориҷӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати бештар додааст.*

# ДАР ҶАБҲАИ МУБОРИЗА АЛАЙҲИ МАВОДИ НАШЪАОВАР



Дар ин бора Худойбердӣ Холиқназарзода, раиси Маркази таткиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон рӯзи 5 январи соли равон, зимни нишасти хабарии ниҳоди мазкур иттилоъ дода, гуфт: **"Дар Маркази таткиқоти стратегӣ таҳти унвони "Раёсати масоили амнияти минтақавӣ" раёсати махсусе ташкил шудааст, ки бо дарназардошти тезу тундшавии вазъиятҳои минтақавӣ хеле муҳим аст. Дар ин раёсат коршиносоне ҷалб шудаанд, ки бо масоили вазъи минтақавӣ сару кор дошта, таҷрибаи кофӣ доранд. Онҳо ҳатман дақиқтарин маълумоти навро пайдокарда пешниҳод хоҳанд кард".**

Худойбердӣ Холиқназарзода иброз дошт, он чизе, ки имрӯз аз нуқтаи назари илмӣ сурат гирифта истодааст, ин мубориза аслӣ бо ифротгарой ва тундгарой мебошад. Бо кӯмаки Созмони амният ва ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон як тарҳи нав дар ҳоли таҳия аст, ки **"Консепсияи мубориза бар зидди ифротгарой ва тундгароии ба терроризмбаранда"** ном дорад. Дар ҳоли ҳозир кормандони марказ бо мутахассиссони дигар ниҳодҳои дахлдор кор карда истодаанд, ки он ба наздикӣ омода хоҳад шуд. Ин консепсия барои мубориза бар зидди чунин чолишҳои азим хеле муҳим аст.

Номбурда илова намуд, ҳадафи консепсияи мазкур ин аст, ки мо бояд сабабҳои аслии бурузи ифротгарой ва тундгароиро омӯзем ва роҳҳои пешгирии онро пешниҳод созем ва нагузорем, ки ҷавонони моро дигар кишварҳо бо таблиғоти гуногун ба ифротгарой ва тундгарой ҷалб кунанд.

Ба ақидаи Худойбердӣ Холиқназарзода бештари ҷавонони тоҷик ки дар муҳоҷират дар Русия мебошанд, дар ҳамон ҷо тундгаро ва ифротгаро мешаванд, на дар дохили кишвар. Ӯ мегӯяд, дар ҳоли ҳозир дар Русия ниҳодҳои гуногуни мухталифи ифротгаро вуҷуд доранд, ки ҷавонони моро бештар ба гурӯҳҳои алоҳида ҷалб мекунанд. Ҷавононе, ки дар муҳоҷират қарор доранд, вақте ки ба масҷид мераванд, асосан қафқозиҳо онҳоро ҷалб мекунанд. Ҳастанд ҷавононе, ки мушкили молӣ доранд, зуд ба чунин гурӯҳҳо шомил мешаванд. Дар ин ҳолат ниҳодҳое, ки ҷавононро ба чунин равияҳо ҷалб мекунанд, ба вазъият нигоҳ карда манфиат меҷӯянд, ки ин як таблиғоти моҳирона аст. Ин на танҳо мушкилоти муҳоҷирони тоҷик, балки мушкилоти муҳоҷирони кишварҳои дигар низ шудааст.

Дар идомаи нишасти матбуотӣ Муҳаммадӣ Сафол, муовини директори Маркази таткиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон, дар посух ба суоли хабарнигорон ба мавзӯъҳои терроризму ифротгарой дахл намуда гуфт: "Мавзӯъҳои терроризм, Толибон, Алқоида ва ДИИШ мавзӯест, ки ҷаҳонро ба таҳлука ва ба хатар мувоҷеҳ кардааст. Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки на Толибон, на Ал-қоида ва на ДИИШ ягон иртиботе ба дини мубини Ислом надоранд. Онҳо ватану мазҳаб ва муқаддасот надоранд. Ин созмонҳои сирф террористии ҷаҳонӣ аслан хизматгори хоҷагони худ ҳастанд ва ба хотири амалӣ намудани аҳдофи мухталифи хоҷагонашон дар ин ё он нуқтаи дунё, ҷойгир шуда, мехоҳанд дарди сари бештаре барои мардуми дунё биёваранд.

Табиист, ки рафтани нерӯҳои Эътилофи байналмилалӣ дар соли 2014 аз Афғонистон бори дигар баёнгари он аст, ки боз ҳам чунин хатару таҳдидҳо дар ин нуқоти хеле доғи дунё боқӣ мемонад. Барои ҳамин ҳам ниҳодҳои марбутаи Тоҷикистон бо ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар робитаанд, то аз ин хатар эмин бошанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки бо чунин як хатар ва чолишҳои бузург наметавон ба танҳоӣ мубориза бурд. Танҳо дар натиҷаи фаъолияти муштарак ва дастаҷамъонаи тамоми кишварҳои минтақа ва ҷаҳон метавон ба ин зуҳуроти номатлуб пирӯз шуд.

Муҳаммадӣ Сафол таъкид кард, ки мавзӯи терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии мазҳабӣ яке аз мавзӯъҳои доғи на танҳо кишварҳои Осиёи Миёна, балки тамоми минтақа ва ҷаҳон мебошад. Бо дарназардошти муҳимияти вазъи феълии Афғонистон ва берун рафтани нерӯҳои Эътилофи байналмилалӣ дар соли 2014, эҳтимоли муташанниҷ гардидани бисёр хатарҳо ва таҳдидҳо ба мисли терроризми байналмилалӣ, тундгароии мазҳабӣ, қочоқи маводи мухаддир ва бар иловаи ин як проблемаи хеле ҳам мушкили замони муосир ин зуҳури Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ) боқӣ мемонад. Инро ҳам набояд фаромӯш кард, ки он таҳдидҳо ва хатарҳое имрӯз баъд аз хурӯҷи нерӯҳои Эътилофи байналмилалӣ дар соли 2014 аз Афғонистон ба ин кишвар таҳдид мекунанд. Онҳо танҳо хоси ин кишвар набуда, балки ба тамоми кишварҳои минтақа хатарованд.

Ба ин хотир аст, ки дар нишасти сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай Эмомалӣ Раҳмон, сарвари давлати Тоҷикистон гуфта буданд: "Дар бораборӣ се таҳдиди хеле ҳам бузург боз ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки таваҷҷуҳи хосро ба мавзӯи ДИИШ низ дошта бошад. Чаро ки ин таҳдид дар суфуфи худ ҷавононӣ бештарро ҷалб намудааст ва бо дарназардошти он мушкилот ва ниёзмандиҳое, ки дар тамоми кишварҳо мавҷуд аст, ин хатар метавонад нуфузи бештар дошта бошад. Барои ҳамин аст, ки роҳи ягонаи рафъи ин мушкилот ва аз ин таҳдидҳову чолишҳо раҳо ёфтан ин иттиҳоди бештар ва ҳавитар дар байни кишварҳои ҷаҳон, минтақа ва байни кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай мебошад.

Муҳаммадӣ Сафол мегӯяд, чизи дигаре, ки тамоми кишварҳои ҷаҳонро ба ташвиш овардааст, маводи мухадир мебошад, зеро дар тӯли марзи як ҳазору чорсад километра дар ҷабҳаи аввал Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад. Дар ин бора ҳам дар нишасти сарони давлатҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай зикр шуд, ки бо дарназардошти муҳимияти мавзӯи қочоқи маводи мухаддир, дар Афғонистон теъдоди майдонҳое, ки дар он маводи мухаддир кишт карда мешавад, 30 маротиба бештар шудааст ва ин шумора ба 2009 ҳазор гектар мерасад. Теъдоди маводи мухаддири ҳосилгардида бошад, дучанд гардидааст. Ба ин хотир Тоҷикистон дар сафи аввали мубориза бо қочоқи маводи мухадир қарор дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти муҳимияти мавзӯъҳо ва он хатарҳо минтақа ва ҷаҳон таҳдид дорад, ҳамкориҳои худро дар соҳаи амният, тақвияти сарҳад ва тиҷорати сарҳадӣ мустаҳкам хоҳад кард зикр шуд дар охири нишаст.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

## Нуриддин Саидов:
# «МУАЛЛИМ ҲАҚ НАДОРАД ПУЛ СИТОНАД»

**Чанде пештар аз ҷониби Роҳбари давлат 15 ҳазор нусха китоб ба муассисаҳои таълимӣ тақдим шуд. Бо ҳамин хабар нишасти матбуотии Вазорати маориф ва илми ҷумҳуриро оғоз кард вазир Нуриддин Саидов.**

**НОМБУРДА** роҷеъ ба дастовардҳо, комёбиҳо ва мушкилоти соҳа ба таври васеъ маълумот дода, изҳор дошт, ба ҳар матлаби интиқодие, ки вобаста ба соҳаи маориф дар матбуот нашр мешавад, сари вақт вокуниш нишон медиҳем. Мо моилем, ки барои рафъи камбудию мушкилот бо воситаҳои ахбори омма ҳамкорӣ кунем.

Дар ҷараёни саволу ҷавоб таваҷҷуҳ бештар ба масъалаҳои таълиму тарбия ва низоми муассисаҳои таълимӣ зоҳир карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки шурӯъ аз соли 2013 имтиҳонҳои қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба воситаи Маркази миллии тестӣ сурат мегиранд. Пас аз гузашатан ба ин низом дар ҷомеа саволҳои зиёд ба миён омаданд. Дар рафти нишаст зикр гардид, ки ин низоми имтиҳонсупорӣ аз чанд ҷиҳат бартарӣ дорад. Аз ҷумла, тариқи тест имтиҳонҳо шаффофу одилона мегузаранд, хоҳишу иродаи довталаб дар мадди аввал қарор дорад. Довталаб сарсону овора намешавад. Ӯ метавонад дар маҳалли зисти худ имтиҳон супорад ва аз сомонаи Маркази миллии тестӣ ҳама маълумоти марбут ба имтиҳонро дастрас кунад. Дар ин сурат вақт ва маблағи зиёд сарфа мешавад.

Ҳамзамон таъкид шуд, ки Маркази миллии тестӣ бисёр иллатҳои ниҳонии муассисаҳои таълимиро ошкор кард. Маълум гардид, ки баъзе муаллимон ба толибилмон баҳои ҳаққонӣ намегузоштаанд. Сатҳи дониши бештари толибилмон бо баҳо мувофиқат намекунад. Ҳамаи ин пас аз таъсиси ММТ равшантар гардид.

Ёдовар мешавем, ки чанде пеш миёни хонандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №60-и пойтахт задухӯрд сурат гирифта буд. Ин воқеаи ташвишовар аз назари рӯзноманигорон дур намонд. Ба саволи вобаста ба ин масъала сардори раёсати маорифи шаҳри Душанбе посух дод, ки ин воқеа шомгоҳ рух додааст, яъне берун аз соати дарсӣ. Аз ин рӯ бештар аз падару модари он хонандагон бояд домангир буд. Инчунин ӯ зикр кард, ки баҳри вусъат додани корҳои тарбиявӣ дар мактабҳо ҳамеша чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Соли 2013 52 хонандаи мактабҳои миёнаи пойтахт дар қайди милитсия будаанд, соли гузашта ин рақам ба 25 нафар расидааст.

Пулталабкунии муаллимон яке аз масъалаҳои дигари нишаст буд, ки зимни саволу ҷавоб матраҳ гардид.

Бояд гуфт, ки имрӯз дар ин маврид шикоят аз болои омӯзгорон зиёд шудааст, гӯё онҳо аз хонандагон беҳудаву беасос пул талаб мекунанд. Дар ин хусус вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Нуриддин Саидов изҳор дошт, ки муассисаҳо суратҳисоби худро доранд. Танҳо дар асоси шартнома аз ҷониби хонанда ба суратҳисоби мактаб пул гузаронида мешавад. Ҳеҷ муаллиме ҳақ надорад, ки аз дасти хонанда пул ситонад.

Масъалаи дигар ифротгароии баъзе ҷавонон буд, ки мавриди тарҳу баррасӣ қарор гирифт. Масъулини Вазорати маориф ва илм иброз доштанд, ки баъзе хонандагоне, ки ба ин падидаи хатарбор гароиш доранд, аз берун маълумот мегиранд.

Мавриди таъкид аст, ки барои решакан кардани ифротгароии динӣ ва начот додани ҷавонон аз "манқуртшавӣ" муассисаҳои таълимӣ метавонанд нақши муҳим доштa бошанд. Ин кор бо роҳи омӯзиши асосҳои дини мубини Ислом имконпазир аст.

**Толиби ЛУҚМОН**





# ҲАМКОРӢ БО ҲХДТ АЗ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТ БОҚӢ МЕМОНАД

**Дар нишасти матбуотии раиси шаҳри Исфара Зоҳидзода Даврони Абдуқодир журналистон бештар ба масъалаи оромӣ дар сарҳад, вусъати корҳои ободонӣ дар шаҳр, пардохти саривақтии ҳаққи хизматрасонии об, ҳамкории МИҲД шаҳр бо ҳизби пешбари ҷомеа -ҲХДТ, баркарорсозии шаҳраки кӯҳканҳо Шӯроб ва ғайра мароқ зоҳир карданд.**

**РАИСИ** шаҳр нахуст аз натиҷаи фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр- нақшаи қисми даромади буҷет, саноат, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, сохтмону меъморӣ, пешбурди корҳои таблиғотию мафкуравӣ, маорифу тандурустӣ, варзишу ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ маълумот дода, зикр намуд, ки ба шарофати фаъолияти муътадили сохторҳо пешрафту тараққиёт дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ таъмин гардид.

Масалан, нақшаи қисми даромади буҷет ба андозаи 100,2 фоиз иҷро шуд. Воридоти маблағ ба буҷет 10 млн. 494 сомониро ташкил дод. Дар соли 2014 ба маблағи 230,1 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шуд, ки нисбати соли 2013 32,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

-Бо ин ҳама мо гуфтанӣ нестем, ки дар шаҳру деҳоти Исфара муаммову мушкилот вуҷуд надорад,- гуфт раиси шаҳр,- ҳанӯз муаммоҳои ҳалношуда дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғайра ҳастанд, ки мо нисбати ҳаллу фасли он бояд корбарӣ намоем.

Роҷеъ ба ҳамкории МИҲД шаҳр бо кумитаи иҷроияи ҲХДТ- и шаҳр Зоҳидзода Д.А. гуфт, ки "ҳамкорӣ бо ҳизби пешбари ҷомеа- ҲХДТ ба хотири рушду тараққиёт ва таъмини ҳаёти осудаи мардум аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти МИҲД шаҳр боқӣ мемонад. Тибқи дастури Президенти кишвар, Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кумитаи иҷроияи ҳизбии шаҳр бо бинову нақлиёти хизматӣ таъмин карда шуд".

Масъалаи вазъи сарҳад бо Ҷумҳурии ҳамсояи Қирғизистон аз масъалаҳои асосии нишасти матбуотии раиси шаҳр буд, ки Зоҳидзода Даврони Абдуқодир ба ин масъала дахл намуда, аз ҷумла гуфт:

-Дар маҷмӯъ вазъият дар сарҳад ором аст. Ин натиҷаи гуфтушуниди сарони ду давлати ҳамсоя, кӯшишу эҳтимоми Ҳукумати ҷумҳурӣ, МИҲД вилоят, мақомоти қудратӣ, пирони рӯзгордида аз ҳарду ҷониб аст. Моро як чиз хурсанд месозад, ки халқи оддии ҳарду тараф ҳам ҷонибдори ҳаёти осоиштаанд. Вале бинобар он ки ҳанӯз сарҳад муайян нашудааст, гоҳ-гоҳ муаммоҳо рӯи кор меоянд, ки мо нисбати ҳалли онҳо корбарӣ карда истодаем. Вазифаи мо нигоҳ доштани суботу оромӣ дар сарҳад аст.

Дар нишасти матбуотӣ журналистон ба саволҳои дигари худ низ ҷавоби мушаххас гирифтанд.

**М.МАҚСУДОВ**

## А.Холиқзода:
# «158 НАФАР ДАР ХОРИҶА ҒАЙРИРАСМӢ ТАҲСИЛ ДОРАНД»

**ТО** ҳанӯз 158 нафар шаҳрванди Тоҷикистон, ки дар муассисаҳои таълимии динии хориҷи кишвар таҳсил менамоянд, ба ватан бар нагаштаанд.

Дар ин бора Абдуруҳим Холиқзода, раиси Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи 6-уми январи соли равон зимни нишасти матбуотии ин ниҳод иттилоъ дод.

Ӯ мегӯяд, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ тавассути кормандони шуъба ва бахшҳои оид ба корҳои дини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълумотро оид ба теъдоди шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки ба таври ғайрирасмӣ дар муассисаҳои динии кишварҳои хориҷ таҳсил кардаанд, дастрас намудааст.

Ба иттилои манбаъ, 3054 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ, дар муассисаҳои динии кишварҳои хориҷӣ ба таври ғайрирасмӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ то имрӯз 2896 нафари онҳо ба ватан баргардонида шудаанд.



**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

# БАРНОМАИ РУШДИ ШАҲРИ КӮЛОБ ҚАБУЛ ШУД

**БАРНОМАИ** рушди шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015-2019 қабул гардид. Барои иҷрои барномаи мазкур 1 миллиарду 46 миллион сомонӣ пешбинӣ шуда, дар чаҳорчӯбаи амалӣ гаштани он иҷрои 262 лоиҳа, таъсиси 38 корхонаи хурду миёнаи саноатӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 60 га замин, барқароркунии 300 га боғ, васеъ намудани ҳавзҳои моҳипарварӣ, сохтмони фермаҳои чорводорӣ, паррандапарварӣ, таъмиру барқарорсозии 24 км роҳҳои дохилишаҳрӣ, беҳтар намудани ҳолати техникии 161 км роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта, сохтмон ва азнавсозии пулҳо дар шаҳр, таҳияи хатти троллейбус, сохтмони 3 хонаи панҷошёна, 2 хонаи нуҳошёна, 2 муассисаи томактабӣ, 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, беҳтар намудани таъмини оби ошомиданӣ, анҷом додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ пешбинӣ гардидааст. Бо қабули ин барнома самти фаъолият дар панҷ соли охир барои шаҳри Кӯлоб муайян шуда, аз диди коршиносон амалишавии он дар беҳдошти рӯзгори мардум нақши муасир хоҳад дошт.

**«МХ»**

*"Моро зарур аст, ки ҷиҳати тадриҷан аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба мамлакати индустриаливу аграрӣ табдил додани кишварамон чораҷӯӣ кунем ва бо ин мақсад барномаҳои дахлдорро роҳандозӣ намоем"*

**Паём-2014**

# ҶАҲОНИ МУОСИР БА МУНОСИБАТҲОИ НАВИ ИҚТИСОДӢ НИЁЗ ДОРАД

### ГУСТАРИШИ НОГУЗИРИ ИҚТИСОДИ ДОНИШ

Ҷаҳони муосирро мегӯянд, ки ба марҳила ва ё зинаи индустриалӣ-иттилоотӣ устувор қадам гузоштааст. Феълан иқтисоди дониш ҷойгаҳи устувор пайдо карда, мазмуни фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеаи кулли кишварҳои оламро дигаргун намудааст. Яъне, майдони фаъолияти иқтисодиёти анаъанавӣ танг гашта, маҷрои шикастнопазири иқтисодиёти нав тадриҷан дар роҳи касби вазъи доминантӣ қарор дорад. Ин раванд табиист, ки чун зерзохтор болосохтори низоми ҷомеа - сиёсату идораи давлатӣ, сатҳи тафаккури ҷомеа ва ғайраҳоро низ ба бозсозӣ даъват дорад. Тазоди ин раванд ва ё фавран дарк накардани ин муқовимат ҳар гуна бухронҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ниҳоят сиёсиро рӯи кор меорад. Мисоли ин бухрони иқтисодӣ-молиявии ҷаҳонӣ, мебошад, ки хеле тӯлонӣ сурат гирифт. Пас, низоми иқтисоди бозорӣ ва сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи муосирро бо тафаккур ва ё назарияҳои классикиву неоклассикӣ арзёбӣ ва идора кардан аз имконият дур шудааст. Низоми иқтисоди бозории озод вазифаи таърихии худро аллакай (барвақт) ба иҷро расонидааст ва акнун инсониятро сохтори нави ҷомеа интизор аст, ҳарчанд шаклу мазмуни он ҳанӯз возеҳ намебошад.

Воқеан ҳам инсоният кулли захираҳои табииро комилан на танҳо дар риштаи муносибатҳои иқтисодӣ гирифтааст, балки ба ҳар як ҷузҳои он (предмету олоти меҳнат) чунон илму донишро такшин намуда, тағир додааст, ки истеъмолгар бидуни иттилову дониши кофӣ онҳоро мавриди истифода қарор дода наметавонад. Ҳатто "тафаккури сунъӣ" на танхо дастёр, балки бар инсон ҳоким шудааст гӯем ҳам, саҳв нахоҳем кард. Масалан, 2-3 компютер, ки иқтидори барномавии хеле бузугро дорост, вазифаи ҳазорҳо коргаронро дар корхонаҳои азими истеҳсолӣ ба иҷро мерасонанд. Пас, барои коргарон вақти озод фароҳам меояд, ки онон ба дигар самтҳи фаъолият шуғл бананд, масалан, чуноне ки дар кишварҳои мутараққӣ рушди соҳаҳои хизматрасонӣ суръати кайҳонӣ ҳам гирифтааст. Илова бар ин, сарфаи меҳнат ва афзудани вақти озод ба инсон имкон медиҳад, ки мазмуни аслии худро касб кунад: фарҳангу варзиш, сайёҳӣ, мутоилаи адабиёт, фаъолияти эҷодӣ, раҳоӣ ёфтанро аз маҳдудияти мафкуравӣ мусоидат намуда, ҷараёни худогоҳиву худшиносӣ, ҷомеасозиву офариниши арзишҳои волои маънавӣ ва ғайраҳоро суръат мебахшад. Яъне, ташаккули сифатӣ ва рушди сармояи инсонӣ ба омили асосии инкишофи минбаъдаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа табдил ёфтааст. Дар ин раванд, ташкили оқилонаи меҳнату истеҳсолот ва ниҳодҳои нав пайваста бо омӯзиши мунтазами густурдаи алоқаҳои истеҳсолӣ-иқтисодии ҷомеа, ки тавонад кулли равандҳои инноватсиониро қабул намояду татбиқ гардонад, дар радифи муҳимтарин вазифаи замони муосир қарор гирифтааст. Охир, ҷомеаи Ғарб барои он мутараққӣ аст ва равандҳи инноватсиониро зуд қабулу татбиқ мекунад, ки дар он ниҳодҳои давлатӣ қонуну қоидаҳоро эҷод наменамояд, балки онҳоро дар ҷомеа меҷӯяд: равандҳои алоқаҳои мухталифи иқтисодӣ-иҷтимоии табиии самаранокро дар ҷомеа омӯхта, ба риштаи санадҳои қонунӣ мегирад, инкишофи онро мусоидат мекунад, яъне аз берун ангезиш мебахшад. Воқеан ҷомеа чун организми зинда, ки мунтазам "ҳуҷайраҳои" кӯҳнаву бемори худро бо муборизаҳои дохилии худ солим мекунад, бадар мекунад ва навашро месозад, яъне ниҳоду алоқаҳои мухталифи зангзадаашро тоза мекунад, шаклҳои мухталифи ҳамкориҳо ва алоқаҳои навро мутобиқ бо шароити нав меҷӯяд, созиш мекунад. Охир, инсон дар таърихи мавҷудияти худ маҳз бо қонуни мутобиқгардӣ инкишоф ёфтааст. Пас, зарур аст, ки заминаҳо ва кулли шаклҳои ташкилӣ ва ниҳодсозиҳоро аз равандҳои фаъолияти ҷабҳаҳои мухталифи ҷомеа ҷӯем.

### КЛАСТЕР - ЯЪНЕ ЧӢ?

Бояд таъкид кунем, ки дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда умри иттилоот аз 2-3 сол зиёд намебошад, тоифаҳои пешбари ҷомеа инро зуд дарк менунанд ва пайваста ба он дар ниҳодҳои амалкунанда тағйироти таркибиро талаб менамоянд. Масалан, мо имрӯз дар кишварамон ба шаклгирӣ ва густариши минтақаҳои озоди иқтисодӣ кӯшиш ба харҷ дода истодаем. Ин ниҳод дар дигар кишварҳо пайваста бо таълимоти кластерӣ сатҳу сифати дигар гирифта дар таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллиашон хидмат намуда истодааст.

Аз ин лиҳоз, мо тасими гирифтем, ки мафҳум, моҳият ва шаклҳои кластерро шарҳ диҳем. Кластер аз калимаи англисӣ - "cluster" баромада дар забони русӣ "скопление" тарҷума шудааст. Пас, ба маънии тоҷикӣ кластерро чун ғунгарди ва ё чун ғуншавӣ ифода кардан мумкин аст. Яъне, кластерро метавон чун ғуншавӣ ва ё созиши якчанд ҷузҳо ва ё элементҳои якранг, ки дар маҷмӯъ як воҳиди мустақилро ташкил медиҳад, арзёбӣ кард. Дар иқтисодиёт бошад, онро чун таҳшингардӣ ва ё омезиши гурӯҳи коргоҳҳои алоқаманд ва муштарак дар майдон ва ё ҳудуди ҷуғрофии муаяйн, тавсиф медиҳанд. Масалан, фаъолияти ҳамдастонаи муштараки мустақими истеҳсолот, тавлидгарони таҷҳизот, хизматрасониҳои махсус, инфрасохторҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар субъектҳои иқтисодӣ, ки фаъолияти якдигарро ғанӣ гардонида, дар афзалгирии рақобатӣ нерӯ мебахшад, мазмуни кластерро ифода мекунад. Ё ин, ки мутобиқи назарияи Майкла Портера, кластер чун гурӯҳи корхонаву иттиҳодияҳои аз нигоҳи ҷуғрофӣ ҳамсоя (тавлидгарону таъминкунандагон омилҳои истехсолот, истеҳсолгарону истеъмолгарон ва ғ.) ва ташкилотҳои бо онҳо алоқаманд (муассисаҳои таҳсилотӣ, мақомоти идораи давлатӣ, иттиҳодияхои инфрасохторӣ), ки дар доираи муаяйн фаъолият намуда, амалҳои якдигарро ғанӣ мегардонанд, тавсиф дода мешавад. Дар замони пуртазоди муосир рақобатпазирии иқтисодиёти кишварҳоро дар арсаи олам тавоноӣ ва ё рақобатпазирии на корхонаҳои алоҳида, балки сатҳи рақобатпазирии кластерҳо - иттиҳоди корхонаҳои соҳахои мухталиф муаяйн менамояд. Воқеан ҳам, дар шароите, ки тақсимоти технологии меҳнат, яъне тахассусгардӣ ба зинаҳои алоҳидаи истеҳсоли маҳсулоти ниҳоие, ки густариши бемайлон дорад, корхонаҳои алоҳида бе ҳамдастиву ҳамкорӣ бо дигар корхонаҳои мухталиф наметавонад рақобатпазир бошад. Ин ҷо нерӯмандии кластерҳо, пеш аз ҳама аз нигоҳи сатҳи истифодаи самараноки захираҳои дохилии кишвар, баҳо дода мешавад. Захираҳои дохилиро, ки афзалгирии рақобатиро муаяйн менамояд, метавон ба гурӯҳои зерин ҷудо намуд: Якум, шароитҳои омилӣ: захираҳои меҳнатӣ ва табиӣ, нерӯи илмӣ-иттилоотӣ, сармоя, инфрасохторҳо, ҳамзамон омилҳои сифати ҳаётии кишвар. Дуюм, вазъ ва ё ҳолати талаботи (таклифоти бозори) дохилӣ: сифати талабот ва мувофиқати он ба тамоили талабот дар бозори ҷаҳонӣ, инкишофи ҳаҷми талабот ва ғ. Сеюм, соҳаҳои муштарак ва хизматрасон (кластери соҳаҳо): доираи воридгардии ашё ва маҳсулоти нимтайёр, ҳаҷми воридгардии таҷҳизот, истифодаи ашё, таҷҳизот, технология. Чорум, стратегия ва таркиби корхонаҳо, рақобати дохилисоҳавӣ: ҳадаф, стратегия, тарзу услуби ташкилӣ, менеҷменти корхонаҳо, рақобати дохилисоҳавӣ. Илова бар ин, боз ду тағйирёбандаи иловагиро, ки дар сатҳи сазовор ба вазъи кишвар таъсир мерасонад, ба маврид аст, ки таъкид намоем. Ин ҳодисоти тасодуфӣ (ки онро роҳбарияти корхона наметавонад зери назорати худ гирад) ва сиёсати давлат мебошад. Ҳамин тариқ, шароити рақобати афзалиятноки дурнамо на аз берун, балки дар бозори дохилӣ бунёд меёбад.

### ШАКЛ ВА СИФАТҲОИ КЛАСТЕР

Дар адабиёти иқтисодӣ аслан се муаяйнӣ ва ё шакли васеъи кластерро ҷудо мекунанд, ки ҳар яки онҳо сифатҳои асосии онро тавсия медиҳанд. Якум, шакли маҳдудияти манотиқӣ ва ё ҷуғрофии фаъолияти иқтисоди бахшҳои ҳамтабори иқтисодиёт, ки одатан бо ин ё он муассисаҳои илмӣ (пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқикотӣ, донишгоҳҳо ва ғ.) пайванд доранд, дар қаламрави минтақа (ноҳия, вилоят ва минтақаҳои ҷаҳонӣ) ташкилу фаъолият мебарад. Дуввум, кластер дар заминаи занҷири истеҳсолии вертикалӣ (амудӣ), ки бахшҳои нисбатан маҳдудро фаро гирифта, дар он фаъолияту равандҳои истеҳсолӣ ҷавҳари оҳанрабоии ин ниҳодро ташкил медиҳанд (масалан, занҷири "таъминкунанда - истеҳсолгар - фурӯш - мизоҷ"), бунёд меёбад. Дар ин шаклгирӣ шабакаҳое, ки дар атрофи корхонаҳои пешбар ташаккул ёфтаанд, низ дохил мешаванд. Сеюм, соҳаи саноат ва ё маҷмӯи бахшҳои иқтисодӣ, ки сатҳи баланди ҳамрешагиро доранд (масалан, кластери агросаноатӣ, ки дар зинаҳои тавлиду коркард, фурӯшу истеъмоли маҳсулот бо чандин соҳаҳои мухталиф алоқаманд аст) дар доираи кластер мутаҳид мешаванд.



**Аброр МИРСАИДОВ**
*доктори илмҳои иқтисодӣ*

*(Давом дорад)*



# БА ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ ҶАВОНОН ҶОМЕА МАСЪУЛ АСТ

**Соли 2014 бо воқеаҳои таърихӣ ва дастовардҳои муҳими бахшҳои иқтисоду сиёсат ва иҷтимоиёту фарҳанг дар ёдҳои мо боқӣ мемонад. Хусусан дар соҳаи сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ муваффақиятҳо назаррас буданд. Тоҷикистон бо чанд ташаббуси наҷибаш дар арсаи ҷаҳонӣ бештар муаррифӣ гардид. Дар ҷумҳурӣ меъёрҳои демократӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, шаффофияти фаъолият боз ҳам таҳким ёфта, барои кору зиндагии арзандаи мардум шароити мусоидтаре фароҳам омад. Оё ҳамаи ин таҳаввулот ба ҳувияту мафкураи мардум, ба худшиносию ифтихори ватандории онҳо чӣ таъсире гузошт? Оё ҷавонони тоҷик воқеан ҳам дастовардҳои кишварро эътироф доранд? Воқеан ҳам соле, ки сипарӣ гардид, бо рӯйдодҳои муҳими сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавию ҷаҳониаш ҳаёти мардумро боз ҳам гуворою рангин намуд. Ҷомеаи тоҷик бо шукӯҳу ҷалоли хоса 600-умин солгарди зодрӯзи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, 20-солагии қабули Конститутсияи мамлакат, Парчами миллӣ ва дигар чорабиниҳои фарҳангию иҷтимоиро таҷлил кардем.**

**ВОҚЕАИ** дигари муҳими сиёсӣ ин баргузор шудани саммити раҳбарони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар пойтахти зебои кишварамон-Душанбешаҳр мебошад. Хусусан, натиҷаҳои он барои таҳкими минбаъдаи фаъолияти ташкилоти номбурда қобили мулоҳиза мебошад.

Пешрафтҳои ҷумҳурӣ нисбати солҳои пешин қиёснашавандаанд. Даҳҳо иншоотҳои замонавӣ сохта ба истифода дода ҳазорон нафар одамон соҳиби ҷои кор мешаванд.

Таҷлили 20-солагии ташкилёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дигар санаи таърихӣ буд, ки онро тамоми аъзо ва ҷонибдоронамон бо баргузории Анҷумани 12-ум ва иштироки Раиси муаззами ҳизб, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шукӯҳу ҷалол доир намуданд. Дар ин Анҷуман ҳамзамон вакилон аз рӯйхати умумиҷумҳуриявӣ ба вакилии Маҷлиси намояндагон муаррифӣ шуда, вазифаҳо дар давраи омодагӣ ба интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуданд.

Бори дигар Сарвари давлат таъкид намуданд, ки интихобот бояд озоду шаффоф ва тибқи меъёрҳои демократӣ гузарад ва омили муҳими сарҷамъию ваҳдати миллии тамоми сокинони мамлакат гардад.

Мо бояд шоҳиди бевоситаи тантанаи адолат ва демократияи халқ бошем, зиёдаравӣ накунем, балки ҷиҳати баргузории интихоботи озод намунаи ибрат бошем. Дар ҳар кору вазифае, ки бошем, масъулияти ҳизбии худро бо ифтихору сарбаландӣ баҷо биёрем.

Дар шароити ҳозира кори ҳизбӣ чандон осон нест. Хуб аст, ки дар ҷомеа аҳзоби мухталиф фаъолият доранд ва ҳар кадом барои нуфуз пайдо кардан талош меварзад. Онҳо камбудиҳои ҳамдигарро ошкоро мегӯянд ва онро ислоҳ мекунанд, ки ин омил боиси пешрафт мегардад. Ҷои пинҳон кардан нест, ки барои дар байни мардум соҳибобрӯ шудан барномаҳои мушаххасу ҷиддӣ пешниҳод кардан лозим аст. Гузашта аз ин дар интихоботҳо номзадҳое бояд пешбарӣ шаванд, ки кордону ташаббускор, шинохтаю соҳибэътибор бошанд. Танҳо дар ҳамон сурат ҳизб ба пирӯзӣ мерасад.

Василаи дигари пешрафтҳои мо интизоми қатъии ҳизбӣ мебошад. Агар онро тамоми аъзо риоят намояд, кор хуб пеш меравад. Интизоми ҳизбиро мо бояд дар коргузорию ҳуҷҷатнигорӣ ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ боз ҳам тақвият бахшем. Тарзу услуби нави таблиғоту ташвиқот бояд роҳандозӣ шавад. Талаботҳои қабул ба сафҳои ҳизбро боз ҳам ҷиддитар кардан лозим аст ва ҳар як хоҳишманд пеш аз қабул ҳамаҷониба санҷида шавад.

Дар Анҷумани 12-уми ҲХДТ, ки таҳти раёсати пешвои муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, камбудию нуқсонҳои кор дар ҳамаи бахшҳои фаъолияти ҳизбӣ ошкоро гуфта шуданд ва ташкилотҳои ҳизбии ҳамаи зинаҳо вазифадор гардиданд, ки норасоиҳои кор дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин бартараф карда шаванд. Зеро сабқати интихобот дар ҳамаи зинаҳо ҷиддӣ ва гарм мешавад. Барои ба пирӯзӣ расидан корҳои зиёдеро ба сомон расондан лозим аст. Муҳимтар аз ҳама Барномаи пешазинтихоботие пешниҳод кардан лозим аст, ки ба дарди ҳамаи қишрҳои ҷомеа расад ва ниёзмандиҳояшонро бароварда созад.

Барои ба ҳадафҳои ниҳоии худ расидан пеш аз ҳама бояд интихобкунандаҳоро барои тарафдории Барнома ва номзадҳо ҷалбу ҳавасманд намоем.

Ҷавононро мутақоид сохтан даркор аст, ки тақдириояндаи кишвар дар дасти онҳост ва дар ин маврид бетафовут набошанд. Барои ин сатҳи донишҳои сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносию ифтихори ватандории онҳоро боз ҳам қавӣ гардондан зарур мебошад.

Ман аз таҷрибаи омӯзгории худ медонам, ки на ҳамаи онҳо ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик таваҷҷуҳ дорад. Зеро ки китоб намехонанд, таърихи ниёгонро намедонанд. Моро лозим аст, ки дар ҳамин самт бо онҳо кор барем, онҳоро бо асли худашон шиносонем ва фаҳмонем, ки онҳо кистанду аз куҷо омадаанд. Албатта, анҷоми ин кор вазифаи аввалиндараҷаи мо устодону муаллимон, ташкилоти ҳизбӣ, таблиғотчиён ва дигарон мебошад.

Ҷавонон бояд нахуст аслияти худро донанд, намояндаи кадом халқу миллат ҳастанду он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ гуна арзишҳоро армуғон овардааст. Мақому манзалати миллат дар тамаддуни ҷаҳонӣ ба чӣ қарор аст. Танҳо дар ҳамон сурат худро ва миллатро мешиносанд. Ифтихори миллӣ низ дар ҳамин замина ташаккул меёбад.

Дар маърӯзаи таҳлилии худ Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани 12-уми ҳизб диққати ҳозиринро ба масъалаҳои доғи кишвар, минтақа ва ҷаҳон ҷалб намуда, таъкид карданд, ки дар саросари олам таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ ба амал омада истодааст, ки онҳо ба мафкураи ҷавонон бетаъсир нахоҳанд монд. Гароиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, тақлидҳои кӯр-кӯрона ба амалҳои бо ном ҷиҳод, ба кишварҳои арабӣ барои ҷанг рафтани онҳо боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад. Вазифаи падару модар, устоду муаллим, фаъолон, мақомоти дахлдор ва тамоми ҷомеа мебошад, ки пеши роҳи чунин равандҳои номатлубро бигиранд.

Пеш аз ҳама сабабу омилҳои ин тамоюл бояд ҳамаҷониба омӯхта шавад. Шояд аз огаҳии ками ҷавонон, заъфи маърифати онҳо бошад, ки гурӯҳи муайяни ҷомеа аз Тоҷикистон ва ё худ аз ҳисоби муҳоҷирон ин роҳи хаторо интихоб мекунанд. Табиист, ки баъзеи онҳоро ваъдаҳои калони биҳиштӣ ё ки маблағҳои калон медиҳанд. Бахши онҳо агар имкони баргашта омадан пайдо кунанд, барои ҷомеаи орому осудаи мо мушкилот эҷод мекунанд. Аммо оқибаташ маълум аст, ки аксарияти кулли онҳо баргашта наметавонанд. Тибқи хабарҳои охирин кадоме, ки нияти баргаштан мекунад, ба қатл расонда мешавад.

Барои пешгирии гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва мамнуъ аз ҳамаи воситаҳо бояд самаранок истифода барем. Нерӯи бузурги таблиғотӣ ба шумули матбуот, радио ва телевизион дар ихтиёри мақомоти дахлдор қарор дорад. Сохторҳои ҷамоату маҳаллаҳоро ба таври васеъ истифода бурдан лозим аст. Дар деҳот мардум бештар шахсиятҳои соҳибэътиборро гӯш мекунанд. Аз нерӯи онҳо, аз сухану маслиҳати онҳо низ истифода кардан ба манфиати кор аст.

Аз ҳама муҳимаш мо-соҳибони ин марзу бум, ин Ватани биҳиштосо бояд ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, ба рӯйдодҳои сиёсии олам сари вақт баҳои воқеӣ диҳем ва нисбати онҳо мавқеи худро мушаххас намоем. Махсус ҷавононро дар рӯҳияи ифтихороти миллӣ, худшиносӣ ва меҳанпарастӣ тарбия намоем, зеро киояндаи кишвар, ободию осудагии он ба ҳамин насли созанда робита дорад.



**Манзура КОШОНОВА,**
*доктори илмҳои иқтисодӣ*

# МУҲОҶИРОН БАРМЕГАРДАНД. ЧӢ БОЯД КАРД?

**Бар асари буҳрони иқтисодӣ дар Русия муҳоҷирони меҳнатӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Аз як тараф агар беқурбшавии пули русӣ боиси ба ватан баргаштани онҳо гашта бошад, аз тарафи дигар якчанд муқаррароти Русия боис шуда, то онҳо хоки ин кишварро тарк кунанд. Ин муқаррарот, ки хабари ба имзо расиданаш барқосо дар оғози сол пахн шуд, бештари муҳоҷиронро ба ташвиш овард.**



Қаблан имтиҳон супоридани муҳоҷирон барои дар Русия зиндагию кор кардан онҳоро хеле ошуфта карда буд. Ба ҳар сурат онҳо то кунун тавонистанд ин имтиҳонро таҳаммул ва пушти сар кунанд. Ин имтиҳон барои онҳо чандон гарону ташвишовар набуд. Ҳамакнун муҳоҷиронро имтиҳонҳои сангинтаре дар пеш аст. Чанде пеш қарордоди наве ба имзо расид, ки мувофиқи он муҳоҷироне, ки шаҳрванди Русия ва Тоҷикистон душаҳрвандӣ ҳастанд, наметавонанд ба кишварҳои дигар, ҳатто ба кишвари худ бе шиносномаи хориҷӣ сафар кунанд ва ё бе шиносномаи хориҷӣ ба Русия раванд. Яъне аз ин пас доштани шиносномаи хориҷӣ барои ба Русия рафтан шарти ҳатмист. То кунун муҳоҷирон метавонистанд бо шиносномаҳои дохилӣ ба Русия раванд, аммо тибқи муқаррароти нав аз ин пас аз онҳо шиносномаи хориҷӣ талаб карда мешавад. Аллакай чанд нафар шаҳрванди Тоҷикистонро, ки ҳамзамон шаҳрвандии Русияро низ доранд, дар фурудгоҳи Маскав ба далели надоштани шиносномаи хориҷӣ аз роҳ гардондаанд.

Чанде пеш Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дар ин хусус эъломия пахш карда буд, то шаҳрвандони Тоҷикистон минбаъд бе шиносномаи хориҷӣ азми сафари Русия накунанд. Ҳоло ҳама барои гирифтани шиносномаи хориҷӣ даводав доранд.

Ин муқаррарот бешубҳа ба сари муҳоҷирон гаронихо меорад. Онҳое, ки муҳлати иҷозатномаи корияшон дар Русия ба охир расидааст, бояд ба ватан баргарданд ва шиносномаи хориҷӣ гиранд. Дар расонаҳои хабарӣ гуфта мешавад, ки ҳоло дар Русия чандин нуқтаҳои шиносномадиҳӣ боз шудаанд, ки ба муҳоҷирон барои идомаи кор дар Русия шиносномаи хориҷӣ медиҳанд, аммо теъдоди онҳо кофӣ нест. На ҳамаи муҳоҷирон сари вақт соҳиби шиносномаи хориҷӣ мешаванд. Ин таъхир боиси аз Русия берун шудани онҳо мегардад. Ҳоло монеаи бузурги дигаре дар роҳи муҳоҷирон қарор дорад. Мувофиқи муқаррароти нав онҳое, ки 6 моҳ бештар аз замони қонунии будубошашон дар Русия меистанд, аз ин кишвар берун мешаванд ва 5 сол аз ҳаққи рафтан ба Русия маҳрум мегарданд. Онҳое, ки 9 моҳ ба қавле ғайриқонунӣ дар Русия иқомат мекунанд, ҷазои сангинтаре мегиранд: 10 сол наметавонанд ба хоки ин кишвар қадам гузоранд.

Вазорати корҳои хориҷии Русия хабар додааст, ки аз миёни кишварҳои ИДМ танҳо шаҳрвандони Беларус ва Қазоқистон метавонанд ба Русия бо шиносномаи дохилияшон сафар кунанд. Имтиёзи кишварҳои мазкур ин аст, ки онҳо аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошанд. Русия пештар иттилоъ дода буд, ки ҳангоми ба кор шурӯъ кардани Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё режими муҳоҷиратро тағйир медиҳад. Яъне қаблан гӯё ба муҳоҷирон ҳушдор дода буд, ки барои пазируфтани режими шадиди муҳоҷирати меҳнатӣ омода шаванд. Мақсади дигари Русия аз ҷорӣ кардани режими нав ин будааст, ки мехоҳад раванди муҳоҷирати меҳнатиро ба танзим дарорад ва "муҳоҷирати ғайриқонунӣ"-ро аз байн барад.

...Ҳоло гурӯҳ-гурӯҳ муҳоҷирони мо ба ватан баргашта истодаанд. Бе шиносномаи хориҷӣ тамдиди муҳлати иҷозатномаи корияшон имконнопазир аст. Аз ин рӯ онҳо ногузир ба ватан бармегарданд ва ё дар худи Русия шиносномаи хориҷӣ мегиранд. Дигар онҳо мебояд расмиёти муҳоҷирати меҳнатиро риоя кунанд. Дар акси ҳол то дергоҳ аз ҳаққи кору иқомат дар Русия маҳрум мешаванд.

Масъалаи ҷиддӣ ин аст, ки пас аз тағйир ёфтани режими муҳоҷират муҳоҷирон сарсону овора мегарданд. Хароҷоти роҳ як сӯ, ҷаримаҳои вазнин аз дигар сӯ ва маблағ барои гирифтани шиносномаи хориҷӣ аз сӯи дигар.

Ин дар ҳолест, ки баъзе нуқтаҳои шиносномадиҳӣ аз фурсати муносиб нағзакак истифода бурда, ҷайби муҳоҷиронро холӣ мекунанд. Аз ҳама бештар миёнаравҳо дар ин маврид луқмаи равғанин мехӯранд. Онҳо бо шиносбозӣ дар нуқтаҳои шиносномадиҳӣ барои зудтар гирифта додани шиносномаи хориҷӣ аз муҳоҷирон маблағи зиёд талаб мекунанд. Муҳоҷирон низ барои ҳар чи зудтар гирифтани шиносномa илоҷе ҷуз пардохти ин маблағ надоранд. Ба таври дигар гӯем, маъракаи шиносномафурӯшӣ хеле гарм шудааст. Зимни суҳбат бо чанд муҳоҷир ҳақиқати ин нукта равшантар гардид.

Бархе муҳоҷирон тасмим гирифтаанд, ки дар ватан машғули кор шаванд ва зиндагияшонро пеш баранд. Ду тан муҳоҷири тоҷик-Умед ва Содиқ солҳои зиёд дар Русия кор мекарданд. Чанде пештар онҳо ба ватан баргаштанд ва баъдан боз хостанд ба Русия раванду кори худро идома диҳанд. Аммо дар фурудгоҳ ба далели камбудӣ доштани ҳуҷҷатҳояшон онҳоро бозпас гардонданд. Пас аз шунидани тағйирот дар раванди муҳоҷират онҳо азм карданд, ки дар ватан бимонанд ва роҳе ёфта, аробаи зиндагиро пеш кашанд. Ҳоло онҳо дар яке аз ширкатҳои сохтмонии пойтахт кор мекунанд ва мегӯянд, ки дастмуздашон чандон бад нест. Албатта, маоши ин ҷоро бо пули Русия қиёс кардан номумкин, аммо роҳи дигар нест. Маҷбурем, ки бо ҳамин қаноат кунем,-меафзоянд онҳо.

Шояд имрӯз бисёр муҳоҷирон чунин азму ният доранд, мехоҳанд дар ватани худ кору зиндагӣ кунанд.

Равшан аст, ки тағйироти раванди муҳоҷират ба иқтисоди мо таъсири зиёд мегузорад, зеро гардонандаи аслии иқтисод онҳо мебошанд. Барои ҷойи кор ёфтан ва таъмини зиндагии шоистаи муҳоҷироне, ки мехоҳанд аз ин пас дар ватан бимонанд, чӣ бояд кард?

**Ба саволи мо доктори илмҳои иқтисод Аброр Мирсаидов чунин посух дод:**

-Соҳаи кишоварзӣ аз соҳаҳои васеътарини кишвари мо ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама муҳоҷиронро ба ин соҳа бояд ҷалб кард, ба онҳо қарзҳои имтиёзнок дод ва шароити корӣ фароҳам овард. Бо ин роҳ, албатта, онҳо наметавонанд пули бисёр ба даст оранд ва зиндагии шоҳона дошта бошанд, аммо ба ҳар ҳол зиндагиро пеш бурдан мумкин аст.

Чораи дигар ин аст, ки бо кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, аз ҷумла бо Қазоқистону Русия вобаста ба муҳоҷират бояд қарордоди нав ба имзо расонд.

**Толиби ЛУҚМОН**

Минбари халқ
7 январи соли 2015,
№2 (981)

**БА ТАВАҶҶУҲИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ҚОНУН БОЯД ДОГМА НАБОШАД

**Шукрона, ки имрўз туфайли татбиқи сиёсати дарҳои боз ва дастгирии соҳибкорӣ рафи дўкону мағозаҳо аз амволи мухталиф пур асту ифодаи маъмули замони салтанати шўравӣ "дифетсит" тақрибан фаромўш шудааст. Миёни молҳои истеҳсоли хориҷӣ бешубҳа техникаи электронӣ, бахусус телефонҳои мобилӣ фаровонанд.**

**ФУРЎШИ** озодонаи тамғаҳои гуногуни дастгоҳҳои мобилӣ ва симкортҳои онро ҳатто дар дуртарин минтақаҳои кишвар дучор омадан мумкин аст. Ногуфта намонад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истифодаи хизматрасонии ширкатҳои мухталифи мобилӣ миёни кишварҳои ҳамҷавор низ пешсаф буда, дар аксари ҳолат бе пешниҳоди шиносномa харидани симкортҳо имконпазир аст.

Хулоса, имрўз телефони мобилӣ барои хурду бузурги кишвар дастрастарин воситаи алоқа ва роҳи содаи истифода аз шабакаи интернет аст. Зеро барои истифодаи бемамониати он дар тамоми манотиқи мамлакат шароитҳои мусоид (насби мавҷгиракҳои ширкатҳои мобилӣ, нархи дастраси дастгоҳҳо, симкортҳо, нуқтаҳои зиёди пардохти маблағгузаронӣ ва ғайра) фароҳам аст.

Яқин аст, ки истифодаи аз меъёр зиёду ғайримақсадноки хизматрасонии телефонии мобилӣ, хусусан аз ҷониби мактаббачагону наврасон, ки ба саломатии онҳо зарари ҷиддӣ оварда метавонад, мақомоти қонунбарори кишварро водор намуд, ки дар асоси қонун истифодаи телефонҳои мобилиро дар таълимгоҳҳо аз тарафи мактаббачагону донишҷўён манъ кунанд. Барои амалӣ намудани санади номбурда дар макотиби олии кишвар ва дар мактабҳои миёна, умумӣ ва ибтидоӣ чорабиниҳои мухталиф роҳандозӣ гардиданд. Вале мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки дар ин кор чандон муваффақ ҳам нагардидаем. Яъне имкон надорад, ки ҳар рўз ба ҷои тадрис устодон дар таълимгоҳҳо усули бобоии "киссакобӣ"-ро роҳандозӣ намоянду телефонҳои мактаббачагону донишҷўёнро мусодира кунанд. Гузашта аз ин чанд моҳи охир "облава"-и телефонҳои мобилӣ аз ҷониби кормандони масъули шуъбаҳои корҳои дохилӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Дар шуъбаи корҳои дохилӣ баробари суҳбат бо волидайн ҳуҷҷати гунаҳгории падару модарро тахт карда, ҳушдор медиҳанд, ки ин "қонуншикании маъмурӣ", яъне бо телефон ба дарс рафтани фарзанди шумо дар суд муҳокима гардида, тибқи муқаррароти ҷорӣ аз 120 то 180 сомонӣ ҷарима ситонида мешавад. Чӣ илоҷ, қонун аст ва ба он бояд итоат намуд. Вале…

Солҳои охир дар кишвари мо дар бахши қонунгузорӣ қадамҳои устувор гузошта шуд. Беҳтарин иқдом дар ин самт бо пешниҳоди Роҳбари давлат таъсиси "Маркази қонунгузорӣ" буд, ки такрор ва ё мухолифати қонунҳоро метавонанд аз байн бардорад. Хушбахтона, имрўз дар баробари қабули қонунҳои нав, ки дар маҷмўъ ба беҳтар шудани вазъи зиндагии шаҳрвандон равона шудааст, ба қонуну санадҳои ҷорӣ бо ҳамин мақсад тағйиру иловаҳои зиёд ворид мешаванд. Президенти кишвар низ дар ин маврид зиёд таъкид кардаанд, ки қонун догма нест ва бояд вобаста ба шароити ҷомеа ба тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шаванд.




Воқеан ҳам ин гуна бархўрд бо қонун хеле муҳим буда, гоҳо имкон дорад, ки беҷо омадани як калима ҳуқуқи шаҳрвандонро то андозае поймол созад.

Гумон дорем, ки яке аз моддаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" то ҷое ба тағйир ниёз дорад.

**Дар моддаи 8 қонуни мазкур омадааст:** *"ба фарзанди то синни мактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таҳсил мекунанд, бо худ овардан ва истифодаи телефонҳои мобилиро манъ намоянд".*

Бо назардошти вазъи воқеӣ дар бораи манфиат ва камбудиҳои ин банди қонун ҳадс мезанем.

Аз як тараф имрўз телефонҳои мобилӣ тавре барномасозӣ шудаанд, ки тақрибан аз компютер тафовут надоранд ва ҳатман бо шабакаи интернет васл шудаанд, манъи истифодаи онҳо дар ҷараёни машғулиятҳо муҳим аст. Афзалиятҳои зикргардидаи телефонҳои мобилӣ хоҳу нохоҳ кўдакону наврасонро такон медиҳад, ки бо он андармон шаванд ва ба ҷараёни таҳсилу тарбия халал ворид созанд. Паёмак фиристиву чатнависӣ ва ё бо ягон бозии завқовар машғул шудан кўдакро аз ҷараёни таҳсил ва аз ҳама муҳим олами воқеӣ дур мекунад ва ба оғўши олами виртуалӣ меафканад, ки ба манфиати кор нест.

Инчунин дастгоҳҳои мусири мобилӣ имкон медиҳанд, ки ҳангоми дарс хонандагони мактаб ба ҷои такя бар донишу маҳорати худ мисолу масъалҳоро кор кардан, мавзўи дилхоҳ, формула ва ё масъаларо аз сомонаҳои интернетӣ пайдо кунанду аз заҳмати дарстайёркунӣ ба осонӣ халос шаванд.

Аз ҷониби дигар телефонҳои мобилӣ воситаҳои беҳтарини иртиботи волидайн бо кўдак мебошанд. Ба хусус дар пойтахти мамлакат ва шаҳрҳои бузурги кишвар, ки мактаббачагон саҳар аз хона баромада, ба дарс, пас аз он ба сексияҳои мухталифи варзишию дарсҳои иловагӣ андармон гардида, бегоҳ ба хона бармегарданд. Дар баробари мактаббачагони шаҳр имрўз гурўҳи калони толибилмони ноҳияҳои атрофи шаҳрҳо низ вақти холии худро дар марказҳои фарҳангию фароғатӣ ва варзишии пойтахт сипарӣ менамоянд. Магар хуб намебуд, агар тавассути телефони ҳамроҳ мактаббачагон бо волидайн дар иртибот шаванду падару модар аз вазъи онҳо бохабар бошанд? Ҳароина падару модар қабл аз ҳама амнияту бехатарии фарзандро аз ҳама чиз боло мегузорад ва дар давоми рўз чанд маротиба занг зада аз аҳволи фарзанд бохабар мешавад.

Бо назардошти он, ки имрўз телефони мобилӣ ба як василаи муҳими ҳаёти рўзмарраи шаҳрвандон қарор гирифтааст ва пўшида ҳам нест, ки феълан шояд аз нисф беши хонандагони синфҳои болоӣ бо худ телефони мобилӣ доранд, салоҳи кор мебуд, агар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" тағйирот ворид намуда, ифодаи "бо худ овардан"-ро аз моддаи мазкур ихтисор намояд. Яъне, бо худ гирифтани телефони мобилӣ ба хонандагон иҷозат дода шаваду истифодаи он дар қаламрави мактаб қатъиян манъ…

Дар ин замина имкон дорад, ки дар мактаб ва синфхонаҳо гўшаи ҷамъ ва нигаҳдории телефонҳои мобилӣ ташкил карда шавад. Шояд дар қонунгузорӣ барои хонандагон танҳо истифодаи телефонҳои соддатари бидуни интернету камераи аккосӣ пешбинӣ гардад.

Ин пешниҳод аст ва гумон дорем дар ин мавзўъ хонандагон фикру мулоҳизаҳои худро баён медоранд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

**Илму дониш ва фарҳангу тамаддун зодаи як макон ва замони муайян набуда, балки дар манотиқи мухталифи кураи арз бо гузашти қарнҳои дуру дарози таърихӣ пайдо гардида, то ба имрӯз расидааст. Дар ин масири зиндагии оқилонаи башар, ки беш аз даҳ ҳазор солро дар бар мегирад, илму дониш борҳо дучори пешравию таҳаввулот ва пасравию қафомонӣ гардидааст. Вале муҳимтар аз ҳама ин ду хориқаи бузурги фарҳангии башарият ҳамеша такмил ёфта, рушд намуданд. Аз таърихи халқҳои ҷаҳон маълум аст, ки ҳамаи таҳаввулот ва пешравии соҳаҳои мухталифи ҳаётии ҷомеа аз фаъолияту кордонӣ ва ҷаҳонбинии инсонҳои озодандешу равшанфикр вобаста аст. Зеро инсонҳои бузург дар ҳама давру замон таҳаввулоти иҷтимоианд ва афкору тамоюлот, муътақидоту рӯъёҳо ва фаъолияту ҳосилоти мавҷудияти иҷтимоъ дар шахсияти онҳо хулоса мешавад. Зеро бузургон равшанкунандагони шоҳроҳи паҳновар ва пурпечутоби илму дониш, фарҳангу маърифат ва санъату ҳунаранд.**

# ИЛМИ НИЁГОН БА ТАМАДДУН ЧӢ ДОД?

Ҳамин тавр, илму дониш зодаи табъу завқи қавму нажоди ҷудогона набуда, дар заминаи ҷустуҷӯҳои насл ба насли муҳаққиқони халқу миллатҳои мухталиф сурат гирифтааст. Ин нуктаро дар мисоли таърихи ташаккули афкори илмии тоҷику форс ба таври хеле мухтасар шарҳу тафсир медиҳем. Дастоварду кашфиёти илмии олимони тоҷику форс дар қарнҳои VIII - XV яке аз саҳифаҳои муҳимтарини илму фарҳанги умумибашариро дар бар мегирад. Дар тамаддуни асримиёнагии тоҷику форс, дар қатори илмҳои иҷтимоӣ илмҳои табиатшиносӣ низ ба авҷи тараққиёт расиданд. Аллакай аз асри VIII оғоз карда илмҳои ҷудогонаи табиатшиносӣ, аз қабили нуҷум, табииёт, кимиё, ҳаётшиносӣ, заминшиносӣ, ҷуғрофиё (география) ва ғайра рӯ ба инкишоф ниҳоданд.

**Муҳаммад ибни Мӯсо ал - Хоразмӣ (780 - 850)** яке аз намояндагони машҳури табиатшиносии қуруниустоии тоҷику форс мебошад. Ӯ риёзидон, мунаҷҷим, географи шуҳратёр буда, бо таҳаллуси ал - Маҷӯзӣ низ маълуму машҳур аст. Дар илми муосир Хоразмиро асосгузори риёзиёти Хилофати Араб ва системаи ҳисоби даҳӣ медонанд. Вай бештар дар Академияи илмии Бағдод "Байт-ул-ҳикма" ба фаъолияти илмию эҷодӣ машғул шуда, яке аз мунаҷҷимони машҳури халифа ал - Маъмун (солҳои 813 - 833 хилофат дошт) ном мебарорад. Аз транскрипсияи лотинии номи ӯ (Алгоритмус) бошад, истилоҳи ҳозираи илмӣ - алгоритм ба вуҷуд омадааст, ки яке аз мафҳумҳои асосии математикаи ҳисоббарор ба шумор меравад. Хоразмӣ асосан тавассути ду асараш "Китоб-ул-ҷамъ ва ут-тафриқ би-ҳисоб ул-Ҳинд" ва "Китоб-ул-ҷабр ва л-муқобала" ҳамчун риёзидони машҳур ном баровардa, асосҳои арифметика (ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим) ва решабарориро ҳаллу фасл намудааст. Системаи ҳисоби нуҳрақама бошад, ба воситаи ин асарҳои ӯ дар алгебра роиҷ гардид ва ҳамон мафҳуми алгебра низ аз номи асарҳои ӯ "Китоб-ул-ҷабр ва л-муқобала" гирифта шудааст.

**Абӯбакр Закариёи Розӣ (865 - 925)** дар шаҳри Рай таваллуд ёфтааст. Аз қайди муаллифи "Китоб-ул-мансурӣ" маълум мегардад, ки Розӣ ба илмҳои луғатшиносӣ, фалсафа, риёзӣ, география ва кимиёгарӣ машғул шудааст. Сипас, ба шаҳри Бағдод рафта, дар он ҷо ӯ ба таври ҷиддӣ бо тиб ва дигар улуми табиатшиносӣ машғул мешавад. Ӯ яке аз шогирдони наздики Ҳусайн ибни Исҳоқ интихоб гардида, зери роҳбарии бевоситаи ин аллома бо тибби эронӣ, юнонӣ, ҳиндӣ ва инчунин бо тибби замона ошноӣ пайдо менамояд, ки аз шӯҳрати зиёди илмиаш ба ӯ унвони "табиби муристонӣ" - ро насиб медонанд. Мувофиқи нишондоди Муҳаммади Наҷмободӣ осори фалсафӣ - илмии Розӣ аз 270 асар иборат мебошад. Закариёи Розӣ бар замми мутафаккир ва олими тавоно буданаш боз ба бисёре аз масъалаҳои тарбияи ақлию ахлоқӣ, роҳу воситаҳои таъмини хайрияти умум ва саодати одамӣ, адлу инсоф, мақсаду мароми ҳаёти инсонро низ мавриди таткиқ қарор додааст. Абӯбакри Розӣ шаклҳои ҳастии ҳаюло - макон, замон, вақт, фазо ва ҳаракатро низ абадӣ мешуморид, зеро вай бештар ба масоили илмии табиатшиносӣ боварӣ дошт.

**Абӯрайҳони Берунӣ (973 - 1048)** яке аз олимон ва мутафаккирони барҷастаи илми табииёт мебошад, ки бештар дар соҳаҳои физика, астрономия, риёзӣ, география, геодезия, картография, иқлимшиносӣ ва фармакалогия асарҳои зиёди илмӣ таълиф намудааст. Ӯ бори аввал дар бораи вазни хоси минералҳо, хусусияти пайдоиши минералҳо ва ҷинсҳои кӯҳӣ, сабабҳои фаввора зада баромадани чашмаю обҳои артезианӣ, арзу тӯли географӣ, радиуси сайёраи Замин ва сарватҳои зеризаминӣ маълумоти дақиқи илмӣ додааст. Берунӣ дар яке аз асарҳои худ "Китоб-ут-тафҳим", ки дар бахши ҳандаса, шумор, география, физика ва астрономия навишта шудааст, оид ба якчанд асбобҳои худсохти астрономии замонаш маълумот додааст. Дар асари дигараш "Китоб-ул-ҷавоҳир" бошад, дар бораи сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон - лаъли Бадахшон, лоҷвард, булӯри кӯҳӣ (дар Помир), конҳои тилло (дар ҳавзаи дарёҳои Зарафшон, Қаротегин, Шуғнон, Вахон), нуқра, симоб, мис, оҳан, фирӯза, зок, навшодир (дар қаторкӯҳи Зарафшон), флюорит (дар қаторкӯҳи Ҳисор), ангиштсанг, нафт ва мӯмиё (дар водии Фарғона) маълумоти фаровоне додааст. Ба андешаи Берунӣ сарчашмаи асосии муваффақияти илм танҳо дар асоси таҷрибаю мушоҳида ба даст меояд.

**Абӯалӣ ибни Сино (980 - 1037)** аз шумори мутафаккирони умумибашарист. Ибни Сино бо иҷозати амири Сомонӣ Нӯҳ ибни Мансур ба китобхонаи дарбор "Савонеъ-ул-ҳикма" роҳ ёфта, аз он хеле баҳра мебарад. Сино аз хурдсолияш ба омӯзиши илмҳои ҷудогона шурӯъ намуда, дар синни 17-солагӣ чун олими баркамол ба воя мерасад. Ба гуфтаи мутафаккири эронӣ Саид Нафисӣ Шайхурраис зиёда аз 456 асари илмӣ эҷод намуда, беш аз 30 таълифоташро ба масоили мухталифи нуҷум ва дигар илмҳои табиатшиносӣ бахшидааст. Андешаҳои табиатшиносии ӯ бештар дар китобҳои "Китоб-уш-шифо", "Донишнома", "Китоб-ал-қонун-фӣ-т-тиб" ва ҳоказо зикр ёфтаанд. Ибни Сино дар асарҳояш доир ба тарзи пайдоиши ҷинсҳои кӯҳӣ ва маъданҳо, ҳамчунин доир ба таъсир, хислат, усулҳои ғун кардан, нигоҳ доштан ва истеъмоли 811 навъ доруҳои набототӣ, ҳайвонотӣ ва маъданӣ маълумоти муфассал додааст. Ӯ ақидаи Арастуро дар бораи ҳаракати азалии ҷисмҳо таҳлил намуда, дар кори ба миён овардани қонуни бақои импулс хеле наздик омадааст ва дар "Курозаи табииёт" ном асараш масъалаҳои зиёди табиатшиносиро баён намудааст.



**Умари Хайём (1048 - 1131)** нобиғаи намоёни илму адаб ва фарҳангу фалсафаи ҷаҳонист, ки дар нимаи дуюми асри XI ва аввали қарни XII умр ба сар бурдааст. Маълумоти ибтидоиро аз илмҳои риёзӣ, ҳандаса, тиб, табииёт ва нуҷум тавассути омӯзиши мустақил ба даст овард. Илмҳои сарфу навҳ, назарияи адабиёт, услубшиносӣ ва ҳисоби ҳиндиро бошад, аз устодаш Абулҳасани Анборӣ омӯхтааст. Аз тарафи дигар, омӯзиши осори Ибни Сино, Берунӣ, Форобӣ, Закариёи Розӣ ва олимони Юнону Ҳинд ба такмили дониш ва ҷаҳонбинии Хайём таъсири амиқ гузоштанд. Вай дар соли 1074 мушовири Маликшоҳи Салҷуқӣ интихоб гардида, дар шаҳри Исфаҳон калонтарин расадхонаи астрономии Шарқи наздикро бунёд менамояд. Маҳз дар ҳамин расадхона Хайём бевосита ба масоили табиатшиносӣ машғул шуда, оид ба ивазшавии шабу рӯз, тағйирёбии боду ҳаво, гардиши об дар табиат, гирифтани Офтобу Моҳтоб ва дар бораи дигар ҳодисот тадқиқоти арзишманд анҷом дода, маълумоти нави илмиро пешниҳод кардааст. Хайём дар "Наврӯзнома" ном асари худ тақвими илмие тартиб додааст (соли 1079), ки он бо саҳеҳию дақиқии худ аз дигар тақвимҳо фарқ мекунад ва ин тақвим дар давоми 4500 сол фақат як шабонарӯз тасҳеҳ металабад.

Дар масъалаҳои мухталифи илмҳои табиатшиносӣ дастовардҳои олимони асримиёнагии тоҷику форс хеле назаррас аст. Аз ҷумла, **Абунасри Форобӣ (874 - 950)** дар китоби "Китоб-ул-мусиқӣ-ал-Кабир" баъзе ҳодисаҳои физикӣ - паҳншавии садо ва қонуни паҳншавии мавҷҳои механикиро мавриди тадқиқ қарор додааст. Илова бар ин, усулҳои арифметикие, ки Форобӣ барои шарҳи бузургиҳои садо истифода намуда буд, баъдан заминаи ҳисобкуниҳои дифференсиалии Лейбнитс ва Нютон гардиданд. Олими дигари физик Аҳмад ибни Мӯсо дар асари худ "Системаҳои аҷоиб" нақшаи қариб 1000 асбобҳои гуногуни системаи идоракунии автоматидоштаро тасвир намудааст. **Риёзидон Абулвафо Бузаҷонӣ (940 - 998)** дар натиҷаи ҳисобкуниҳои дуру дарози астрономию географӣ, зиёда аз 100 ҷадвали дақиқи функсияҳои тригонометриро тартиб додааст, ки ин хизматҳояшро ба назар гирифта, баъдтар ӯро яке асосгузорони илми тригонометрия номиданд. **Исмоил - ал - Ҷазарӣ (1136 - 1206)** бошад, дар асараш "Китоб-ул-ҳиял" афкореро баён намудааст, ки ба асосҳои кибернетика шабоҳат доранд.

Асосгузори оптикаи асримиёнагии Шарқ **Ибни Ҳайсам (965 - 1039)** дар асари "Китоби тасвирҳо" бисёре аз ҳодисоти оптикии рӯшноиро маънидод намудааст. **Абӯюсуфал - Киндӣ (801 - 873)** низ назарияи Евклидро дар бораи биниш танқид намуда, ин рӯйдодро чунин шарҳ додааст: "Ҳар як нуқтаи ҷисми мунир худ манбаи тобиш мегардад ва шуоъҳои рӯшноӣ аз он ба ҳама тараф ростхатта паҳн мешаванд". Ин ҳодиса имрӯз дар илми физика (қисми оптика) бо номи принсипи Гюгенс маълум аст.

Намояндаи дигари илм **Насриддини Тӯсӣ (1201 - 1274)** дар ҳалли ҳодисаҳои ҳаракати сайёраҳо, шамол, раъду барқ, зилзила, инъикоси нур, субҳи козибу содиқ ва ғайра андешаҳои илмии дақиқеро пешниҳод намудааст. Табиати физикии атмосфераи Заминро бошад, **Маҳмуди Шерозӣ (1236 - 1311)** хеле дақиқ тасвир намудааст. Ба қавли ӯ, атмосфера аз омехтаи газҳои мухталиф, чангу гарди заминӣ иборат буда, даҳ қабатро ташкил медиҳад. Идеяи вазни молекулавии моддаҳо ва вобастагии байни зичии ҳавою суръати шамолро **Абураҳмон Ҳазинӣ (900 - 971)** дар асари худ "Мизонул-ҳикмат" нишон додааст. Мутафаккири дигар **Ибни Шотир (1306 - 1375)** модели ҳаракати Моҳу Офтобро пешниҳод намудааст, ки он ба модели гелиосентрикии Коперник хеле наздик мебошад.

Дар соҳаи география бошад, **Ибни Идрисӣ (1100 - 1166)** харитаи умумиҷаҳониеро тартиб дод, ки ба харитаҳои соҳавии муосир шабоҳати калон дорад. Инчунин харитаҳои тартибдодаи **Ибни Батутӣ (1304 - 1369)** ва **Авлиёи Чолобӣ (1611 - 1682),** ки сафарҳои зиёди тадқиқотию географӣ намудаанд, аз ҷумлаи нахустхаритаҳои илмии геологию географӣ ба шумор мераванд.

Ҳамин тариқ, мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс доир ба ҳаводиси мухталифи табиат ва соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ тадқиқоти арзанда гузаронида бо натиҷаҳои самарбахши худ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд, ки дар бораи хизматҳои ҳар яки онҳо метавон шоҳасар офарид, вале ба қадри имкон номи бархе аз онҳоро инҷо зикр намудем ва имрӯзиёни миллати тоҷик онро набояд нодида гиранд.

**Номвар ҚУРБОНОВ**

# ИСТЕҲСОЛИ РАВҒАНИ БОЛАЗЗАТИ МАҲАЛЛӢ МАВЗӮИ БАҲС

**Дар шаҳри Мазори Шарифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон чанде қабл конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи "Афзоиши минбаъдаи зироатҳои равғандор" баргузор гардид. Дар кори конфронс бештар аз 200 нафар олимону мутахассисони кишварҳои Афғонистон, Эрон ва Тоҷикистон ширкат варзиданд.**

Аз таҳлилу мубоҳисаҳои иштирокчиёни ин ҳамоиши илмию амалӣ маълум гашт, ки дар ҳудуди мамлакатҳои ҳамсоя асосан чунин зироатҳои равғандор аз қабили зағир, кунҷид, моҳсар, офтобпараст ва пунбадона кишт карда мешаванд. Агарчанде, ки тайи солҳои охир дар минтақа истеҳсоли равған аз ҳисоби ин зироатҳои равғандор бештар гашта бошад ҳам, вале ҳанӯз талаботи пурраи аҳолӣ бо равғанҳои болаззати истеҳсоли маҳаллӣ пурра қонеъ гардонида нашудааст. Чи тавре ки мутахассисон қайд намуданд, ҳар сол фақат дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон равғанҳои рустанӣ аз беруни кишвар ба маблағи бештар аз 500 миллион доллари амрикоӣ харидорӣ карда мешаванд, ки қисми зиёди онҳо таъму лаззати хуб надоранд. Чунин ҳолатҳо дар ҷумҳуриҳои Эрону Тоҷикистон низ мушоҳида мегарданд. Аз ин лиҳоз дар конфронс ба масъалаи минбаъд афзоиш додани истеҳсоли равғани поку болаззати маҳаллӣ, аз қабили зироатҳои зағир, кунҷид, моҳсар ва офтобпараст диққати махсус равона гашт.

Дар рафти ҷаласа масъалаи дар оянда иҷро намудани лоиҳаҳои байнимарзӣ алайҳи тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои олимону деҳқонони ин кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг доир ба иваз намудани таҷрибаи пешқадам дар рушди зироаткории бахши рустниҳои равғандор аҳамияти хоса дода шуд. Иштирокчиёни конфронс дар он ақида буданд, ки дар паҳлӯи ҷорӣ намудани технологияҳои замонавии равғанкашӣ, месазад, ки дар маҳал усулҳои бобоии равғанкашӣ бо истифода аз қувваи об ва шамол роҳандозӣ гарданд, ки ин барои ба даст овардани равғанҳои аз лиҳози экологӣ тоза ва барои муҳити зист бетаъсир ба шумор меравад.

Дар радифи баргузории конфронс вохӯрии иштирокчиён бо донишҷӯёну омӯзгорони Донишгоҳи кишоварзии вилояти Балх ва баҳсу мунозираи илмӣ баргузор гардид, ки он барои омӯзгорон ва донишҷӯён муфид дониста шуд. Инчунин вохӯрии меҳмонон аз Тоҷикистон бо муовини вазири кишоварзии Афғонистон ҷаноби Ҳайдарӣ, бо докторон Афзал Ҳадиёт ва Осман Фротан, бо роҳбари Дафтари минтақавии СММ алайҳи қочоқи нашъаовар ва ҷиноят (UNODC) Андрей Аветисиян ва кормандони масъули ин дафтар Наҷиб Малик, Муҳамад Фазлӣ, Ҳашим Ваҳдатёр, Шукрия Маҳзуз, Лутф Раҳмон ва дигарон хотирмон буд.

Дар фарҷоми кори конфронс меҳмононро волии вилояти Балх Ато Муҳаммад Нур ва раиси секторҳои вилояти Балх ҷаноби Ахтарӣ пазируфта, ҳамкориҳои тарафайнро дар бахши ривоҷ додани тухмиправарии зироатҳои равғандор ва минбаъд афзоиш додани истеҳсоли равғанҳои болазат орзу намуданд. Онҳо ба хусус ба ҳамкориҳои минбаъдаи олимони тоҷику эрону афғон дар тақвият бахшидани корҳои тухмипарварӣ дар вилояти Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон диққати хоса доданд.

Дар муддати баргузории Конфронс ба мо иштрокчиёни илмию амалӣ аз Тоҷикистон муяссар гашт, ки ба яке аз деҳаҳои тоҷикнишини вилояти Балх деҳаи Тошкӯрғон сафар намуда, бо яке аз муҳандисони моҳир - Муҳаммад Гул Хулмӣ вохӯрем. Ӯ моро дар он ҷо бо дастгоҳи ихтироъкардааш шинос намуд. Бо истифода аз нури офтоб ба шишаҳои офтобӣ тавассути насосҳои обкаш вай тавонистааст, ки аз чуқурии 60 метр обро кашида, майдони бештар аз 8 га заминро шодоб созад. Бино ба гуфтаи ӯ дар сохтани чунин насоси офтобию обӣ барои бо об таъмин намудани майдони як га зироатҳои кишоварзӣ, тақрибан ҳазор доллар сарф мегардад. Ӯ нақша дорад, ки дар оянда истифодабарии чунин насосҳои офтобиро дар майдонҳои васеъи кишоварзӣ ҷорӣ намояд. Ба андешаи мо месазад, ки муҳандисони тоҷик низ аз ин таҷрибаи камхарҷ истифода намоянд, чунки миқдори рӯзҳои офтобии аксари ноҳияҳои кишварамон 270-280 рӯзро ташкил медиҳад.


*Батареяҳои офтобӣ, ки дар қитъаи таҷрибавӣ бо насоси обкаш васл карда шудаанд.*

**Қурбоналӣ ПАРТОЕВ,**
*доктори илмҳои кишоварзӣ,*

**Хуршед ВАЛИЕВ,**
*роҳбари Ширкати машваратии "Агросервиси Ховалинг"*

**Нигаронӣ**

# МУАММОҲО ДАР ХАТСАЙРҲОИ ПОЙТАХТ

**Имрӯз яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ин нарх, одоби муошират ва риояи тозагӣ дар хатсайрҳои шаҳри Душанбе мебошад.**

Бо афзуншавии теъдоди нақлиёт ҳамоно нархи поин нафаро мадааст. Нархи муайянгардида низ аз ҷониби ҳамаи ронандагон риоя карда намешавад. Масалан, дар хатсайри Корвон - 102 аз мусофирон ҳамеша 2 сомонӣ талаб мекунанд, ҳарчанд маблағи муайяншуда дар ин самт 1 сомониву 80 дирам муқаррар шудааст. Ҳангоми пардохти 1 сомониву 80 дирам он аз тарафи ронанда ё евари ӯ рад мегардад ва баръакс аз 2 сомонии супоридашуда бақияи он 20 дирам бардонида намешавад.

Масъалаи дигаре, ки касро нороҳат мекунад, ин дар нақлиёт аз меъёр зиёд гирифтани мусофирон мебошад. Бахусус барои одамони маъюб, заноне, ки бо фарзандони хурдсоли худ дохили чунин нақлиёт мегарданд, баромадану фуромадан ва ҷой гирифтан хеле мушкил аст. Ва мавридҳое ҳастанд, ки ҳатто аз барзиёд гирифтани мусофирон нақлиёт ба садама дучор шудааст.

Мушкили дигари хатсайрҳо тибқи мушоҳидаи мо, нарасидани нақлиёт дар субҳгоҳон аст. Мусофирбар дар истгоҳ аввал пур мешавад, мусофирони нуқтаҳои дигар маҷбуранд вақти зиёд интизори нақлиёт шаванд, ки сабаби дермонии онҳо ба корхона ва таълимгоҳ мегардад.

Шикваву шикояти бештари мусофирон аз муомилаи ронандагон ва ёварони онҳо нисбати мусофирон ва риоя нашудани одобу ахлоқ дар дохили нақлиёти шаҳр аст. Ба ғайр аз муомилаи дағалонаи баъзе ронандагон, ҳамчунин баланд намудани радио дар дохили нақлиёт имрӯз дарди сари мусофирон шудааст. Баъзе ронандагон нақлиёти мусофирбарро ба "дискоклуб" табдил додаанд. Аз ин рӯ, мутаассифона, қариб ҳар рӯз мунокишаи мусофирон бо ронандагонро оид ба паст кардани мусиқӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Вале афсӯс, ки ба ин эроди мусофирон баъзе ронандагон аҳамият намедиҳанд.



Мутаассифона, дар хатсайрҳо одобу рафтор на танҳо аз тарафи ронандагон, балки аз тарафи баъзе мусофирон низ риоя карда намешавад. Масалан, чандин бор шоҳиди он гаштам, ки баъзе ҷавонон бо овози баланд бо ҳамдигар гап мезананд, ноҷо механданд, духтарони дар нақлиёт бударо масхара мекунанд.

Илова бар ин баъзан ҷавонон, мактаббачагон ва ҳатто калонсолон ҳам пӯчоқҳои офтобпараст, шириниҳо ва ғайраҳоро дар дохили мусофирбар мепартоянд. Чунин рафтор албатта, ба сатҳи маданият ва тарбияи мусофирон вобаста аст. Ба назари мо, дар нақлиёти мусофиркаш бояд эҳтирому риояи одоб аз ду тараф, аз тарафи ронанда ва ёварони ӯ ва ҳамчунин аз тарафи мусофирон риоя шавад, зеро ки сатҳи хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт ва рафтору одоби мусофирон инъикосгари маданияту фарҳанги мардуми тоҷик аст.

**Сафинаи МАМАДАМИН**

# ДӮСТ ДОШТАНИ ВАТАН АЗ ИМОН АСТ...

**Роҳи расидан ба истиқлолият ва ваҳдати миллӣ шояд дар сухан осон намояд, вале ҳаёт нишон медиҳад, ки ҳифзи истиқлол ва ваҳдати миллӣ аз сокинони кишвар ирода, ҷаҳду талошҳои зиёд, маърифат ва фарҳанги волои сиёсиро талаб менамояд. Ба даст овардани истиқлолият барои намояндагони ҳар як халқу кишвар кори бағоят сангин, вале ҳифзу ҳимоя аз он мушкилтар аст.**



Он равандҳои глобалие, ки имрӯз ҷаҳонро фаро гирифтааст, он хатарҳои ифротгароӣ, террористӣ, экстремистӣ ва буҳронҳои мухталифи сиёсию иҷтимоие, ки ҳар кишвари дунё бо он рӯ ба рӯ аст, ҷомеаи муосири кишварамон, ба хусус олимону донишмандон, омӯзгорон, кормандони мақомоти гуногунзинаи давлатиро водор месозад, ки баҳри ҳимояи Ватан, ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ, барои соҳибмаърифат намудани шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсии ҷомеа ҳар чи бештар ва беҳтар кӯшишу фаъолият намоянд.

Ҳамаи мо хуб медонем, ки заволи Иттиҳоди Шуравӣ ба Тоҷикистон чӣ дод. Он замон истиқлолияти сиёсӣ барои мо ба осонӣ ба даст омад. Вале, мутаассифона, яке аз натиҷаҳои он ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар буд. Гарчанде коршиносон сабабҳои сар задани ин моҷароро гуногун ном бурдаанд, вале бояд гуфт, ки яке аз сабабҳои асосии он дар сатҳи паст қарор доштани худшиносӣ, донишу маърифати сиёсӣ, зиндагии қашшоқонаи аксари мардуми Тоҷикистон, ҳамчунин муҳити нави сиёсиро дарк карда натавонистани сиёсатмадорони давр, аз режими яккаҳизбӣ ба фазои гуногунандешӣ гузаштани ҳаракатҳои сиёсӣ буд. Он замон қувваҳо ва нерӯҳои сиёсие пайдо гаштанд, ки фаъолияти онҳо ба манфиатҳои умумимиллӣ бегона буда, хусусияти қавмӣ ва маҳаллиро касб кард. Ҳисси носолими маҳалгароӣ ва хешу таборчигӣ эътиқоду бовараи мардумро коста гардонида, боиси ҷудоиандозии миллат гардид. Ҳамзамон ҷумҳурӣ ба вартаи касоди иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавию равонӣ гирифтор шуд. Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ тақсим шудани тоҷикон ба кӯлобию хуҷандӣ, бадахшию ғармӣ, инчунин дар сатҳи ин маҳалҳо боз тақсим шудани мардум ба ноҳияҳо ва ноҳияҳо ба деҳу маҳаллаҳои хурдтар, падидае буд, ки мардумро аз ҳисси ягонагии миллӣ дур месохт. Маҳз ҳамин ва дигар сабабҳо мардумро ба ҳам зид гардонида, ба мухолифат ва моҷаро оварда расонд.

Ва хушбахтона, дар Тоҷикистон қувваҳо ва шахсиятҳое ба миён омаданд, ки манфиатҳои миллӣ, якпорчагии марзу бум ва ҳифзи истиқлолияти давлатиро аз ҳама боло гузошта, кӯшишҳои зиёде намуданд, то ки моҷаро тезтар роҳи ҳалли худро ёбад. Ва мо шоҳид гаштем, ки дар натиҷаи 8 даври мулоқот ва музокироти қувваҳои муқовиматкунанда, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Ҳамин тариқ, монеаи асосии рушду инкишофи ояндаи ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи сиёсӣ дар Тоҷикистон ва хавфи аз байнравии истиқлолияти Тоҷикистон бартараф карда шуд. Ин рӯйдоди бузурги таърихӣ ба ягонагии миллӣ ва истиқлоли воқеъӣ поягузор гашт.

Имрӯз бо қаноатмандӣ гуфтан мумкин аст, ки пас аз қабули Эъломияи истиқлолият, ба василаи ин кӯшишҳо озодии сиёсӣ ва якпорчагии кишварро ҳифз карда тавонистем. Вале бо ҳамин набояд хотирҷамъ шуд, зеро масъалаҳои зиёде дар пеш истодааст, ки баҳри ҳалли онҳо бояд чораҷӯӣ намуд. Таъмини истиқлолияти иқтисодию энергетикии кишвар, сохтмон ва бунёди нерӯгоҳҳо, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокию ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги сиёсии мардум, баланд бардоштани мақоми кормандони соҳаи илм, маориф, тиб, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, зиёд намудани музди меҳнати онҳо ва ҳалли дигар масъалаҳо хеле муҳиманд.

Бояд гуфт, ки яке аз аз муҳимтарин шартҳои такмили фарҳанги сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар кишвар, ин пеш аз ҳама худро ба сифати як ҷузъи миллат амиқан дарк кардан аст, таъмини ягонагии миллиро вазифаи шахсии худ ва тамоми ҷомеа донистан аст. Ҳамчунин дар роҳи ҳимояи манфиатҳои умумимиллӣ мубориза бурдан аст. Боиси афсӯс аст, ки ҳоло ҳам ин сифатҳо дар шуури мардуми тоҷик қавӣ нагаштааст. Ва имрӯз нафаронеро дучор гаштан мумкин аст, ки ба хотири манфиатҳои шахсӣ даст ба фасод, дуздию ҷинояткорӣ мезананд ё ин ки рӯоварӣ ва гароиш ба созмону ташкилотҳои ифротгарову терростӣ, мисли ДИИШ (Давлати исломии Шому Ироқ) ва дигар ҷараёну созмонҳои мазҳабию динӣ ва зиддиичтимоӣ ба назар мерасад.

Аз ин хотир, дар шароити кунунии давлатдорӣ баҳри ҳифзи истиқлолияти давлати миллӣ, таҳким ва рушди ҳокимияти сиёсӣ баланд бардоштани маърифат, ҷаҳонбинӣ ва такмили фарҳанги сиёсии ҷомеа зарур аст.

Аксари донишмандон бар ин назаранд, ки мақсади олии истиқлолияти миллӣ ин истиқлоли моддӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки он танҳо дар сурати рушди фарҳанги моддию маънавӣ ба даст меояд. Дараҷаи пасти рушди фарҳанг ҳеҷ гоҳ наметавонад миллатро ба ҷое бирасонад ва таҳкурсии истиқлоли сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бошад. Дар он ҷомеае, ки фарҳангу маънавиёташ дар сатҳи паст қарор дорад, аз он комёбиҳои ҷиддии иқтисодиро наметавон интизор шуд.

Бояд гуфт, ки дӯст доштани Ватан, ифтихори ватандорӣ аз оила ва мактаб маншаъ мегирад. Аз ин сабаб падару модарон ва макотиби кишвар дар раванди тарбия ва таълими фарзандон ба ин масъала бояд диққати ҷиддӣ диҳанд, фаъолияти худро дар самти такмил додани ифтихори ватандории шаҳрвандони кишвар пурзӯр намоянд. Чи тавре дар боби ватандорию ватандӯстӣ Паёмбари дини ислом ҳазрати Муҳаммад (с) фармудааст: "Ҳуббулватанӣ минал имонӣ", яъне ишқу муҳаббат нисбати Ватан, дӯст доштани он, гувоҳи доштани имони комил аст ё ки ватандӯстӣ нишонаи имондорист. Вақте сари ин гуфта ба андеша фурӯ меравем, нафароне пеши назар меоянд, ки манфиатҳои шахсиро аз манфиатҳои умумиичтимоӣ боло гузошта, ба хотири маблағ ва ё чизи дигар бар зидди миллати хеш, зидди Ватан мехезанд, дар муборизаю ҷангҳои ифротӣ иштирок менамоянд, имони онҳо заиф аст, ё гуфтан мумкин аст, ки имон надоранд. Яъне, ба худову расул бовар надоранд. Ба хотири ба даст овардани чизе шарафу номуси худро мефурӯшанд. Имрӯз душманони миллати тоҷик дар либоси экстремизму терроризм, дар шакли ниҳоду ташкилотҳо ва ҷараёнҳои гуногуни сиёсӣ, мазҳабӣ, динӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар интернет ва тавассути дигар фаъолиятҳо дар байни мардум тухми иғво кошта, сулҳу суботи кишварро халалдор намуда, ҷавононро гумроҳ карданӣ ҳастанд.

Аз ин сабаб, вобаста ба ин ҳолат, имрӯз ҳар як фарди соҳибақл, соҳибфарҳанг, соҳибтамаддун, миллатдӯсту ватандори ҷомеаи Тоҷикистонро зарур аст, ки баҳри пойдор нигоҳ доштани ваҳдати миллӣ, ҳифзу нигоҳдории истиқлол ва ободу зебо намудани Ватан кӯшиш намояд. Мо ҳама бояд ақлу хиради хешро хуб кор фармуда, ҳушёрию зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва ба доми бадхоҳону душманони халқу кишвар наафтем. Инчунин манфиатҳои умумимиллию умумидавлатиро аз манфиатҳои қавмию шахсӣ боло гузорем ва дар кору фаъолият масъулиятшинос ва дар таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои тамоми сокинони Тоҷикистон саҳмгузор бошем.

**Муродалӣ АШӮРАЛИЕВ,**
*коршиноси масоили сиёсӣ*

## ҶАЛСАИ ҲАМКОРӢ ДАР САМТИ ТАЪМИНОТИ ОБ

**Дар шаҳри Кӯлоб ҷаласаи якуми кории "Шабакаи ташкилотҳои маҳаллии ҳамкорон оид ба таъмини оби нӯшокӣ ва беҳдоштӣ дар ҷамоатҳои деҳоти Кӯлоб" баргузор шуд, ки дар кори он раиси шаҳри Кӯлоб Абдулғаффор Раҳмонзода ширкат варзид. Гуфта мешавад, чанде пеш миёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва Барномаи Рушди СММ дар минтақаи Кӯлоб тафоҳумномаи ҳамкорӣ дар ин самт ба имзо расид, ки тибқи он барои таъмини оби ошиминданӣ ва беҳдоштӣ дар чор ҷамоати деҳоти Кӯлоб бештар аз дувуним миллион сомонӣ ҷудо хоҳад шуд. Қобили зикр аст, ки то имрӯз бо қарори раиси шаҳри Кӯлоб "Фонди боварӣ ба об дар деҳот" таъсис дода шуда, ҳамчунин барои қабули дархостҳо Шӯрои ин фонд низ ташкил ёфтааст. Лоиҳаи мазкур се сол идома карда, ҳадафи он беҳсозии дастрасии мардуми деҳот ба оби нӯшокӣ дар чор ҷамоати деҳоти Кӯлоб мебошад. Бо амалишавии лоиҳаи мазкур бештар аз 4500 нафар сокинон ба оби ошомиданӣ дастрасӣ хоҳанд дошт.**



«МХ»

**Ҳамчуноне ба мушоҳида мерасад, солҳои охир дар радифи истифода аз хизматрасониҳои тиби муқаррарӣ гиёҳдармонӣ яке аз усулҳои рӯзмарраи эҳиёҷмандон аст. Чунин навъи табобат то кадом андоза самаровар буда метавонад, саволе буд, ки мо аз табиби мардумӣ Маҳмадрасул Иброҳимзода пурсон шудем.**



# ҲАМА ДАРД ДАВО ДОРАД

## Ё БЕМОРИҲОИ МАРАЗУ ҚАНД ТАБОБАТШАВАНДААНДУ ҚУЛИҶ (АПЕНДИТСИТ)-ро ҶАРРОҲӢ КАРДАН ШАРТ НЕСТ.

**-Таҳияи силсилабарномаҳо тавассутаи телевизиони "Сафина", ки Шумо оид ба нафъовар будани ин ё он гулу гиёҳ ба бинандагон маслиҳатҳои муфид медиҳед, баёнгари он аст, ки доир ба илми гиёҳшиносӣ маълумоти мукаммал доред. Ва гумон меравад, ки бо касби пешакардаатон амали судманди бобоятонро, ки сокинони кишвар ӯро чун Домуллои Сурхиён ё Мавлавӣ Сурхиён ба хубӣ мешиносанд, идома доданӣ ҳастед?**

- Дар воқеъ бобоям Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ зиёда аз 27 сол дар Афғонистон, Эрону Ҳиндустон ва Англия таҳсил карда , дар соҳаи тиб дурри гаронбаҳо гирд овардананд. Ва то имрӯз малакаю маҳорати он кас дар табобати бемориҳои мухталиф миёни халқ машҳур аст. Ман тӯли 35 сол дар паи ҷамъ овардани осори Мавлавӣ ҳастам. Фарқи нигоштаҳои номбурда аз асарҳои дигар табибони маҳал дар он аст, ки дар он роҳҳои табобат тавассути таҷрибаи пешқадами тиби Ҳиндустон, Юнон, Форс самаранок истифода бурда мешавад. Ҳамчуноне сарчашмаҳои таърихӣ собит менамоянд, Мавлавӣ ҷасорат намуда табобати ҷигаро дар писари бемори шоҳи Афғонистон Ҳабибуллохон санҷидааст. Шифоёбии фарзандаш ба Амир Абдураҳмонхон то андозае фараҳбахш будааст, ки шоҳи афғон духтари бародарзодааш Амир Ҳайдарро, ки ҳокими Мазори Шариф буд, ба никоҳи табиби тоҷик медарорад.

**- Ба бобои Шумо чӣ гуна муяссар шудааст, ки ба дарбори шоҳ ба осонӣ роҳ ёфта, ба табобати фарзанди маризи шоҳ машғул шавад?**

- Он сол дар тамоми Афғонистон бемории вабо паҳн шуда буд. Вақте Мавлавӣ бо ҳамроҳонаш домулло Абдукариму домулло Абдураҳими ёвонӣ, ки бо лақаби домуллои Кобулӣ машҳур аст, баъд аз таҳсил аз Ҳиндустон ба Кобул бармегаштанд, мардуми афғонро диданд, ки аз тарси бемории вабо ба хориҷ фирор мекарданд.

**- Эпидемия?**

- Бале, он сол эпидемияи вабо буд дар Афғонистон. Онҳо дар роҳ занеро дучор мешаванд, ки писари мубталои бемории вабояш дар сари зону ашк мерехт. Мавлавӣ бо давоҳое, ки барои табобати беморӣ бо худ дошт, он писарро даво мебахшанд.

**-Хушоянд аст ки Шумо аз гузаштагони худ ин сон фахр мекунед ва бо пайроҳаи онҳо паи табобати мардум ҳастед. Аз авлодони Мавлавӣ танҳо шумо бо табобат машғул ҳастед ё...?**

- Дар ин роҳ ман танҳо нестам. Фарзандони Мавлавӣ Махсуми Абдулқудус бо тахаллуси Махсуми Даҳмарда ва Биби Фазила, ки модари мананд, аз рӯи навиштаҳои падарашон бо табобат машғул буданд. Модарам бемориҳои пӯст, асаб ва касалиҳои дарунниро табобат мекарданд. Зане дар деҳаи мо мезист. Дар даҳони писари ӯ беморие пайдо шуд, ки вуҷуди ӯро мехӯрд. Ин бемориро мараз мегӯянд. Модарам дар шоҳидии ман он писарро аз ин маризӣ наҷот дода тавонист.

**-Худатон то кадом андоза аз таҷрибаи меросгузоштаи бобоятон истифода мебаред?**

- Бемуҳобот гуфта метавонам, ки имрӯз ба табобати бемориҳои мараз, экзема, песӣ, ки чанд намуд доранд: барас, баҳак, гулак, сиёҳлес қодир ҳастам. Аз бемориҳои песӣ ду намудаш табобатшаванда аст, ба шарте, ки ба устухон кора накарда бошаду авлодӣ набошад.

**- Чунин бемориҳо бо кадом усул табобат карда мешаванд?**

- Ман бо давоҳои гиёҳӣ, маъданӣ ва хокае, ки махсус тайёр кардаам, табобат менамоям. Яке аз он беморони шифоёфта хеши худам аст. Табобат бо роҳи хӯрдан ва молидани санои маккӣ, гиёҳест, ки дар Маккаи Арабистон ва баъзе шаҳрҳои Русия мерӯяду дар доруханаҳо бо номи "Александровский лист" ва "Сано" фурӯхта мешаванд, ба ҷо оварда мешавад. Ба ғайр аз табобати ин намуди бемориҳо мувофиқи нишондоди Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ роҳҳои бе ҷарроҳӣ табобат кардани бемории қулинҷ ( апендитсит)-ро ҳам медонам.

**- Чӣ гуна?**

-Бемории қулинҷ ё апендитситро табибони имрӯзаи мо ҷарроҳӣ мекунанд. Аммо аз рӯи тавсияи ҳазрати Мавлавӣ бо истифода аз гиёҳҳо онро бе ҷарроҳӣ шифо бахшидан мумкин аст. Ман чанд нафар беморони ба қулинҷ гирифторшударо аз ин беморӣ халос намудам. Писари худамро аз болои мизи ҷарроҳӣ гирифта бурдаму табобат кардам.

**-Охир вақти гирифтории ин намуди беморӣ рӯда аз ифлосиҳо пур шуда ба кафидан наздик мерасад -ку?**

-Дуруст, аммо бо усули табобати Мавлавӣ рӯда аз ифлосиҳо пок мегардад.

**- Дар радифи табобати ин намуди бемориҳо боз ба кадом муваффақиятҳои соҳаи тиб комёб шудаед?**

- Табобати бемории қанд. Дар тибби Мавлавӣ касодӣ ва ширинии қанд ифода шудааст. Дар осори номбурда 40 намуди табобати қанд оварда шудааст. Яке аз роҳҳои табобат ин дар фасли баҳор ду-се маротиба бо санои маккӣ ҷилоб кардан аст. Дигар роҳҳои осони табобат истеъмоли чоқла аст. Боз истеъмоли кинг ном рустанӣ ба бемории қанд шифо мебахшад. Мавлавӣ ҳатто роҳҳои табобати бемории бавосир (геморрой)-ро муайян кардаанд. Ин беморӣ аз рӯи навиштаҳои Мавлавӣ 40 намуди табобат дорад. Беҳтар аз ҳама барои табобати бавосир қиёми ҷадвор аст. Агар онро ду-се маротиба аз болою аз поён истифода бубарем, бемор шифои комил меёбад. Бавосир чанд намуд дорад: дарунӣ, берунӣ, нар, мода, бодӣ ва хунӣ. Истифодаи қиёми ҷадвор барои табобати бавосир фоида дорад.

**- Умедворем, ки Шумо дар фаъолияти минбаъдаатон дар такя бо илми муосири тиб бобати солимии эҳтиёҷмандон боз ҳам ба муваффақиятҳо даст меёбед.**

*Мусоҳиб*
**Маъруф МАҲМУДОВ**

### Ба "Минбари халқ" ҷавоб омад

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дархости истиқоматкунандагони маҳаллаи Ховарони шаҳри Душанбе, ки дар ҳафтаномаи "Минбари халқ", №40 (967), аз 01.10.2014 нашр шудааст, иттилоъ медиҳад, ки имконияти ба нақша ворид намудани сохтмони мактаби нав дар маҳаллаи Ховарони шаҳри Душанберо надорад. Истиқоматкунандагони маҳаллаи Ховарон бо аризаи худ аз 18.08.2014 ба унвонии Вазорати маориф ва илм ҷиҳати сохтмони мактаб дар маҳаллаи Ховарон муроҷиат карда буданд.**

# Вазорат имкони сохтани мактабро дар Ховарон надорад

## Ҷавоб ба мақолаи "Мактаб ва дигар дардҳои Ховарон", ҳафтаномаи "Минбари халқ", №40 (967), аз 01.10.2014

**Вазорати маориф ва илм бо назардошти маҳдуд будани имконияти молиявӣ дархости истиқоматкунандагони маҳаллаи мазкурро барои чораҷӯӣ ба мақомоти иҷроияи хокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо мактуби худ аз 27.08.2014, №11/4-313 ирсол намудааст.**

**Вазорат шароити хонандагони маҳаллаи зикргардидаро ба инобат гирифта, ҳангоми пайдо гаштани имконияти молиявӣ аз ҷониби инвесторони хориҷӣ масъалаи сохтмони мактаби нав дар маҳаллаи Ховарони шаҳри Душанберо мавриди баррасӣ қарор медиҳад.**

**А.ЗАРИПОВ,**
*сардори раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Аз қабули Қонун "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳафт сол гузашт. Дар ин муддат фарҳанги маъракаороии мардуми кишвар баланд шуда, пеши исрофкориҳои зиёд ва харочоти беҳуда гирифта шуд. Мусоҳибаи мо бо мудири бахш оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор Ҳасан Давлатов дар ҳамин мавзӯъ сурат гирифт.**

# ФАРҲАНГИ САРИШТАКОРИРО ТАРҒИБ НАМОЕМ

**-Соли гузашта амалишавии "Қонун дар бораи танзими ҷашну маросимҳо" дар ноҳияи Ҳисор чӣ гуна ҷараён дошт?**

-Тӯли 11 моҳи соли 2014 дар ҳудуди ноҳия 5232 тӯю маърака баргузор гардид, ки дар онҳо дар маҷмӯъ 18022030 сомонӣ сарф шуд. Ба ҳисоби миёна дар ҳар маърака 3425 сомонӣ рост меояд.

Яке аз анъанаҳои нек, ки баъди қабули Қонуни мазкур васеъ паҳн шуд, баргузории тӯйҳои хайриявӣ мебошад. Дар давоми 11 моҳи соли гузашта дар ноҳия 242 тӯйи домодиву арӯсӣ баргузор шуд. Баргузории тӯйҳои хайриявӣ ба оилаҳои камбизоат кӯмаки бузурге мешавад.

Дар ноҳия бо мақсади тарғибу ташвиқи сарфаю сариштакорӣ, камхарҷ гузаронидани тӯю маъракаҳо, вусъат бахшидан ба раванди ташкилу баргузории тӯйҳои хайриявӣ, ба роҳ мондани маъракаҳои дастаҷамъона, кӯмаку дастгирӣ намудани табақаҳои осебпазири ҷомеа ва дигар ташаббусу амалҳои хайриявӣ дар байни аҳолӣ корҳои зиёд бурда мешавад.

Дар ин сол се маротиба маҷлиси комиссияи доимии танзими анъана ва ҷашну маросимҳои ноҳиявӣ гузаронида шуд. Алҳол дар ноҳия 12 комиссияи доимӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва 281 комиссияҳои ҷамъиятӣ дар маҳаллаҳову корхонаю ташкилотҳо фаъолият менамоянд.

Масъалаҳои рафти иҷрои Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо" 6 маротиба дар машварати назди раиси ноҳия мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

**-Оё ҳанӯз ҳолатҳои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ба назар мерасанд?**

-Бо вуҷуди андешидани тадбиру чорабиниҳои зиёд ҳоло ҳам зимни баргузории тӯю маъракаҳо баъзан ҳолатҳои риоя накардан ба талаботи қонун ба назар мерасанд. Дар ин муддат 19 ҳолати қонуншиканӣ ошкор карда шуда, нисбати қонунвайронкунандагон протоколи маъмурӣ тартиб дода, ба суди ноҳия пешниҳод карда шудааст. Инчунин 25 ҳолати қонуншиканӣ саривақт ошкору пешгирӣ карда шуданд. Қонуншиканиҳо бештар дар самти баргузории маъракаҳои манъшуда ("ҳафт", "душанбегӣ", "ҷумъагӣ", "зодрӯз") ба назар мерасад. Иддае маъракаро пеш аз муҳлат оғоз мекунанд. Баъзеҳо ҳангоми тӯи арӯсию домодӣ мошини зиёд бурда, бо худнамоӣ роҳҳоро банд мекунанд, ки хилофи талаботи қонун аст.

Ҳадаф аз қабули қонуни мазкур тарғиби фарҳанги сарфаю сариштакорӣ ва беҳбудии зиндагии мардум аст. Яъне, мардум дар маъракаҳо худнамоию исрофкорӣ накарда, маблағи сарфашударо барои беҳбудии шароити зисташон сарф намоянд. Масалан, ба ҷои харочоти зиёд кардан дар оростани маъракаи "бузкашӣ" беҳтар нест, ки ҳамон маблағро сарфи муммфарш кардани 100 метр роҳи деҳаашон кунанд!

**-Ҳол он ки бузкашӣ аз нигоҳи шаръӣ раво нест, вале сохтани роҳ садақаи ҷория аст.**

-Бале, тибқи ҳадиси ҳазрати Муҳаммад(с) чанд амали хайр аст, ки ҳамчун "садақаи ҷория" баъди вафоти кас низ савобаш ба соҳиби он мерасад: сохтани роҳу пул (кӯпрук), об баровардан дар мавзеи беоб, бунёди масҷиду сохтани корвонсарой (ҷои будубоши мусофирон) ва шинондану ба воя расонидани ниҳол.

Соли ҷорӣ сокинони деҳаи Муъминободи ноҳия Ҳоҷӣ Сайфуллоҳ Ашӯров дар тӯи духтараш мақсад гузошт, ки ба ҷои оростани зиёфат кӯпруки дар ҳолати садамавӣ қарордоштаи деҳаро таъмир намояд. Ин ташаббуси ӯро ҷавонмардони маҳалла дастгирӣ намуда, дастаҷамъона кӯпрукро пурра нав карданд. Ҳамдеҳагони ӯ Ҷамолиддин Шарифзода, Муҳаммадшокир Шарифов, Абдунаим Аҳмадзода, Убайдулло Бобоев ва дигарон як қисми ҷӯи маркази деҳаро бетонӣ карда, ҷойҳои вайроншудаи роҳро бетонпӯш намуданд.

Ҳар коре, ки ба манфиати ҷомеа нигаронида шудааст, садақа маҳсуб меёбад. Исрофкорӣ бараъкс гуноҳ аст. Худованди муттаъол дар "Қуръони Маҷид" фармудааст: "(Неъматҳои Худоро) бихӯред ва бипӯшед, вале исроф накунед!"

**-Нақши ходимони дини ноҳия дар татбиқи Қонуни танзим ва тарғиби ахлоқи ҳамида чӣ гуна аст?**

-Алҳол дар ноҳия масҷиди ҷомеаи марказӣ, 19 масҷиди ҷомеъа ва 149 масҷиди панҷвақтаи расмӣ ба қайд гирифта шудааст. Ходимони дин баҳри баланд бардоштани маърифати аҳлоқию динии намозгузорон, тарбияи маънавии ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстию созандагӣ, танзими ҷашну маъракаҳо, пешгирии ҳолатҳои қонуншиканӣ дар ин самт, ба роҳ мондани корҳои хайриявӣ ва дигар амалҳои нек фаъолияти зиёд нишон медиҳанд. Имомони масҷид баҳри сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 3000-солагии Ҳисори Шодмон сокинони ноҳияро ба тоза нигоҳ доштани муҳити зист, ривоҷу равнақ додани корҳои ободонӣ ва нишон додани маданияти баланди рафтору гуфтор даъват мекунанд. Ҳамчунин миёни аҳолӣ оид ба пешгирии ҳодисаҳои номатлуб, аз қабили нашъамандӣ, худкушӣ, зӯроварӣ дар оила кор мебаранд.



Ходимони дин дар корҳои хайриявӣ низ саҳми арзанда мегузоранд. Дар арафаи таҷлили иди Наврӯзи байналмилалӣ аз тарафи иттиҳодияҳои динӣ хатнасури 25 нафар кӯдак аз оилаҳои камбизоат ба таври хайриявӣ гузаронида шуд. Аз ҳисоби иттиҳодияи динӣ ба оилаҳои камбизоат, ятимону бепарасторон, оилаҳои маъюбдошта, мактаб-интернатҳо ва дигар ниёзмандон ба маблағи 48681 сомонӣ кӯмак расонда шуд. Аз ҷониби масоҷиди ҷомеъа ва масоҷиди панҷвақтае, ки дар онҳо намози ид хонда мешавад, дар арафаи иди Рамазон ба Фонди хайрияи ҷумҳурӣ 12500 сомонӣ, ба мактаб-интернатҳо 800 сомонӣ ва ба оилаҳои камбизоат 9100 сомонӣ ирсол карда шуд.

**-Барои такмили ихтисоси кормандони соҳа чӣ тадбирҳо андешида мешавад?**

-Бо ташаббуси Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳар сол курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандони бахшҳо доир мегардад, ки мутахассисони ноҳияи мо низ дар онҳо ширкат меварзанд. Соли ҷорӣ оиди фаҳмонидани Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо", "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таъмину тарбияи фарзанд" бо сармутахассисон оид ба корҳои дини ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва имомхатибони масҷидҳои ҷомеъ 8 семинар-машварат доир гардид.

Илова бар ин, 10 машварати назди мудири бахш оид ба корҳои дин баргузор гардид, ки дар онҳо дар хусуси баргардонидани ҷавонони дар хориҷи кишвар ба таҳсили динӣ фарогирифташуда ва дар муассисаҳои таълимии мамлакат ҷо ба ҷо намуданашон, баргузории тӯйҳои хайриявӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Чанде пеш 80 нафар ходимони дини ноҳия ба театри давлатии ба номи Лоҳутӣ рафта, намоишномаи "Чархи гардон"-ро тамошо карданд. Ин намоишнома мазмуни баланди ахлоқӣ дошта, ба ходимони дин писанд омад. Қобили таъкид аст, ки бо ташаббусу дастгирии роҳбарияти Кумита ин намоишнома дар вилоятҳои Хатлону Суғд низ ба ходимони дин пешкаш гардид.

Бо қарори Ҳукумати мамлакат моҳи сентябри соли 2015 3000-солагии Ҳисори Шодмон таҷлил мегардад. Ходимони дини ноҳия ба ин муносибат қарори раиси ноҳия оид ба баргузории "450 рӯзи ободонӣ"-ро дастгирӣ намуда, баҳри дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани ин санаи муҳим дар ободонию тозагӣ ва кабудизоркунии диёр ҳиссаи босазо хоҳанд гузошт.

**Мусоҳиб С. СУННАТӢ**

Ҷавонон ва ҷомеа

**Шуури фардии наврасон ва ҷавонон дар ҳоли ташаккул аст, барои ҳамин ҳама гуна ғояву мафкураҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар шаклгирии он фаъолона ширкат варзанд, то ин ки ҳамақидагони худро бештар намоянд. Афзун намудани шумораи ҳамақидагону ҷонибдорон асоситарин ҳадафи ҳар як мафкураи чи дунявӣ ва чи динӣ мебошад.**

# ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОНИ МО



**ТАЪРИХИ башарият мисолҳои фаровоне дорад, ки ба хотири паҳн намудани ин ё он мафкура, зиёд кардани миқдори ҳамфикрону ҳамақидагон байни давлатҳо ва халқҳо ҷангҳои хунин ба вуқӯъ пайвастаанд. Ва барои ба ин ҳадаф расидан, дар кишварҳои мағлуб, беш аз ҳама, ба наврасону ҷавонони он аҳамияти фаровон медоданд. Имрӯз дар қарни XXI, дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи мазкур на танҳо аҳамияти худро аз даст надодааст, балки боз ҳам мақоми бештар касб намудааст. Муборизаи мафкуравӣ низ хислати ҷаҳонӣ дошта, ба таври муассир аз имконоти иттилоотиву-технологӣ истифода мебарад. Ақидаву мафкурае, ки аз ин имконоти ҷомеаи иттилоотӣ истифода намекунад, дар вазъи кунунии ҷаҳони муосир дучори таназзул ва нокомӣ хоҳад шуд.**

**Мо як шиори хуб дорем: "Ҷавонон ояндаи миллатанд"! Ҷавонон дар ҳақиқат ояндаи миллатанд, аммо кӯшиши амалӣ ба харҷ намедиҳем, ки ин шиор амалӣ ва татбиқ гардад. Дӯстдории ватан ва худшиносии миллӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд, боз дар ҳоле, ки мафкураҳои зиддимилливу экстремистӣ ба муқобили он дар ҳоли мубориза қарор доранд. Зеро мафкураҳои зиддимиллӣ барои он зидди миллату давлат ҳастанд, ки мафҳуми ватану миллат ва худшиносиву худогоҳиро намепазиранд, яъне барои онҳо вуҷуди давлати миллӣ арзише надорад.**

**Роҳи аз ҳама муассири шакл додани ҳувияти миллӣ ва ифтихори ватандорӣ таблиғу ташвиқ ва омӯзишу тарбия аст.**

**Ба андешаи мо се самти тарбияву талқини ҷавонон дар рӯҳияи худшиносиву ифтихори миллӣ вуҷуд дорад:**

**Аввалан, дар низоми омӯзишу парвариш, - сар карда аз боғчаи кӯдакон то ба донишгоҳҳои олӣ. Ба андешаи мо ҳама фанҳо бояд дар рӯҳияи ватанпарварии миллӣ ва аз дидгоҳи манфиатҳои миллӣ-давлатии Тоҷикистон таълим дода шаванд, махсусан фанҳои гуманитарӣ. Аз ҷумла, донишгоҳҳои олии мамлакат бояд курсҳои махсусро таҳия намоянд, ба монанди: "ВАО ва ҳувияти миллӣ", "Таърих ва ҳувияти миллӣ", "Адабиёт ва ҳувияти миллӣ", "Публитсистикаи устод Айнӣ ва ҳувияти миллӣ", "Ҷашни Наврӯз ва худшиносии миллӣ" ва ғайра. Табиист, ки тадриси ин ва ё ба ин монанд курсҳоро на танҳо дар факултаҳои гуманитарӣ, балки дар факултаҳои самти табиатшиносиву улуми дақиқ низ бояд ба роҳ монд.**

**Сониян, дар низоми васоити ахбори оммаи мамлакат. Албатта ВАО-и мамлакат ба ҷавонон таваҷҷуҳ доранд, аммо бояд корро дар ин самт пурзӯр намуд, аз ҷумла номгӯ ва теъдоди матбуотеро, ки махсус барои қишри наврасу ҷавони мамлакат ихтисос ёфтааст? афзоиш дод. Афзоиш додани он як ҷониби масъала аст, вазифаи асосӣ дар он аст, ки саҳифа ва эфири ВАО бо маводи пурмазмуни хонданӣ, диданӣ ва шуниданӣ пур бошанд. Бо маводе, ки тавонанд хонанда, бинанда ва шунавандаи наврасу ҷавонро ҷалб намоянд. Ин ҳар серо дар даврони журналистикаи конвергентӣ интернет дар якҷоягӣ фаро хоҳад гирифт.**

**Савум, ба тарбия фаро гирифтани ҷавонон бевосита дар маҳалли зист. Барои ин дар ҳар маҳаллаи чи шаҳру чи ҷамоатҳои кишвар низоми клубҳоро аз нав бояд эҳё намуд. Клуб ин ҷои маданӣ-равшаннамоии мардум, махсусан қишри ҷавон бевосита дар маҳалли зист аст. Ҷоест, ки дар он метавонанд вақти холии худро гузаронанд ва дар зимн бо тарбияи миллӣ-ватанпарварӣ фаро гирифта шаванд. Дар сохтмони клубҳои наву замонавӣ на танҳо давлат, балки соҳибкорон низ метавонанд саҳм дошта бошанд. Агар низоми клубҳо эҳё гарданд, он гоҳ эҳёи мактабҳои лекторони лаёқатманди мафкураи миллӣ-ватанпарварӣ низ маънӣ пайдо мекунад, зеро барои онҳо макон ва объекти таблиғ муҳайё мегардад. Ба ин хотир дар баробари таблиғ дар мактабҳои миёнаву олӣ ва васоити ахбори омма, ба андешаи мо таблиғи зинда ва рӯ ба рӯ низ муассир хоҳад буд.**

**Ин ҳама як низоми муайяни таблиғу ташвиқи насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар кишвар ба вуҷуд хоҳад овард ва садди маънавие хоҳад гардид барои пешгирӣ ва мубориза бо мафкураҳои бегонаву бегонапараст.**

**Масрур АБДУЛЛОЕВ,**
**Абдуҳамид РАҲИМОВ,**
*устодони ДСРТ*

Китобиёт

# РАВШАНГАРИ РОҲИ ДУРУСТ

## Ё андешаҳо перомуни китоби "Гумроҳии ваҳҳобиён дар масоили шариат"

**Ҳар давру замон бо ҳодисаю воқеаҳо, ҷараёну равишҳо, падидаву навгониҳои хеш аз дигаре фарқ мекунад. Ду давраи таърихиеро наметавон пайдо кард, ки ҳамгун бошанд. Дар замоне раванде рушд мегирад, дар даврае ҷараёни дигаре бар он меистад, ки ҷомеаро пазиро бошад. Ҷомеа ҳамеша рушдписанд аст ва аз ҳар падида онеро мепазирад, ки ҷанини рушд дошта бошад, боиси омили пешрафти инсоният бошад. Таърих гувоҳ аст, ки аз қудамои башарият то имрӯз шумори зиёди дину тамаддун арзи вуҷуд намудаву аз байн рафтаанд, вале ҳар кадоме аз худ осоре гузоштаанд.**

**МУСАЛЛАМ АСТ,** ки бо вуҷуди дорои арзишҳои мутазод буданашон дину тамаддун омили пешбари ҳамдигаранд. Аз ин ҷост, ки бо вуҷуди рушди гӯшношуниди тамаддуни имрӯза он аз бурдҳои пешини динҳои ҷаҳонӣ бархурдорӣ мекунад.

Яке аз адёни ҷаҳонӣ Ислом буда, анқариб 1500 сол аст, ки нуфузу нуфуси худро меафзояд. Модоме ки ин дин ин қадар муддати мадид амал менамояду пойбарҷост, онро тасодуфиву беасос ҳисобидан норавост. Баръакс ҷанинҳои рушдбахши онро дарёфта, ба манфиати пешбурди ҷомеа ва ҳар фарди он бояд истифода бурд.

Бояд аз рӯи инсоф қайд кард, ки воқеан ҳам уламои равшанфикру дурбини диниву дунявии ҳар давру замон чунин карда истодаанд. Вале бо вуҷуди ин қадар устувору тавоно ва воҳид буданаш гоҳо андаруни дини Ислом равияву ҷараёнҳое падид меоянд, ки мақсади амалашон рахна задан ба рушд ва мазбутии он аст.

Яке аз чунин падидаҳои номатлуб дар интиҳои садаи XX ва оғози асри XX1 бо номи "Ҳизби таҳрир", баъдтар ҷараёни "Салафия" пайдо гашта, намояндагонаш бо ақидаву ғояҳои хеш мехоҳанд номи мубораки Исломро доғдор созанд. Бо вуҷуди он ки ҷомеаи имрӯза ғояҳои онро напарастад, намояндагони зархариди он дар ҳар гӯшаву канори олам, аз ҷумла Тоҷикистон, мехоҳанд назарияашонро бо зӯриву иҷборӣ сари мусулмонон таҳмил намоянд. Мутаассифона, гоҳо баъзе мардуми ба ном мусулмону ноогоҳ бинобар бехабариашон на танҳо худ ба доми чунин равияву ҳизбҳо меафтанд, балки ба тарғибгару таблиғгарони онҳо табдил меёбанд. Барои гирифтани пеши роҳи интишори ин қабил унсурҳои номатлуб дар ҷомеа бояд роҳу воситаҳои мухталиф истифода гарданд. Яке аз асоситарин ва муассиртарин роҳҳо ин нашри асару мақолаҳои мавзӯӣ мебошад.

Чанде пеш китобе бо номи "Гумроҳии ваҳҳобиён дар масоили Шариат" тавассути Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил аз чоп баромад, ки муаллифаш пешқадамтарин олими Доғистон шодравон Қурамуҳаммад - Ҳоҷӣ Рамазонов буда, тарҷума ва тавзеҳоташ ба қалами адибу инсони наҷиб Абдуқаюми Муҳаммадҷон тааллуқ дорад.

Асари мазкур борҳо бо чандин забонҳои Ғарб тарҷума шудааст. Тарҷумони русию тоҷикии асар ҳам шахси тасодуфӣ набуда, нафари эҷодкор, ки солиёни зиёд худ андаруни чунин проблемаҳо бевосита фаъолияти пурсамар дорад. Ӯ, ки мураккабии масъаларо хеле хуб эҳсос менамояд, қарор додааст, ки ин китобро на танҳо аз русӣ баргардон намояд, балки бодарназардошти умумияту фарқияти мазҳабҳои гуногуни Ислом ҳар порчаи тарҷумавиро аз назари мазҳаби суннӣ тавзеҳи илмӣ додааст.

Китоби мазкур воситаи муътамади мубориза бар зидди чунин унсурҳо мебошад. Зеро ҳамон тавре ки Абдуқаюми Муҳаммадҷон менависад, мутарҷим ва тавзеҳгари асар ба ҷуз сарчашмаи самовии "Қуръон"-и Шариф, инчунин аз "Саҳеҳ"-и Ал-Бухорӣ, "Тафсир…" ва "Таърихи Табарӣ"-и М.Балъамӣ, "Чаҳор китоб", "Тафсирҳои осонбаён", "Тарҷумаи "Фиқҳи Акбар"-и Имоми Аъзам"-и Абӯаломуддин, "Зиндагӣ ва осори Имом Абӯҳанифа"-и Муҳаммадшариф Ҳимматзода, тарҷумаи "Ақидаи исломӣ" ва бисёр сарчашмаҳои муътамадро истифода бурдааст. Боз як нуктаи эътимоднок он аст, ки нусхаи омодаи китобро мутарҷим барои ташхис (экспертиза) ба Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида, баҳои хуб ва тавсияи чопро низ гирифта, танҳо баъд ба нашр супоридааст.

Китоб аз маълумотнома таҳти унвони "Ваҳҳобиҳо кистанд?", 7 гурӯҳи саволҳое, ки бо номи Аллоҳтаъоло, "Қуръон"-и азимушшаън, Расули Акрам (с), намоз, тариқат, марг, мазҳабҳои Ислом, ҷараёнҳои гумроҳ алоқамананданд, иборат буда, ҳар кадоме аз ин саволҳо бо шарҳу эзоҳи соддаву фаҳмо баррасӣ гардидаанд. Вобаста ба таълимоти барғалати ваҳҳобиён, масоиле оид ба ширк, бидъат, ҳарому ҳалол, мувофиқату номувофиқатии онҳо бо Шариат дар фасли алоҳида ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Фасли ҷудогонае "Даъвати хунин" номгузорӣ гардидааст. Он аз ибораи "АД-ДАЪВАТ-УД-ДАМАВИЯ"-и арабӣ гирифта шуда, тарҷумааш чунин будааст. Тавзеҳгар дар ин хусус мегӯяд: "Сабаби чунин номгузорӣ ин фактҳои таърихие мебошанд, ки аз радикализми шадиди тарафдорони ваҳҳобия, ки тайёранд аз ҳар як баҳсу мунозираи ночизе ҷанҷоли мусаллаҳонае иғво ангезанд, далолат медиҳанд. Тамоми таърихи ваҳҳобия ин як доманаи беҳад дарози хунин аст".

Асар бо усули суолу ҷавоб сурат гирифта, ба ҳар савол як посухи асоснок дода шудааст. Масалан: **"Савол:** ***Оё бе каллапӯш (тоқӣ, тӯппӣ) намоз хондан мумкин аст?***

**Ҷавоб:** *Агар бадани мард аз ноф то зонуҳояш урён (луч) набошад, намоз хонданаш эътибор дорад. Аммо дар чунин ҳолат хондани намоз кароҳиятовар (дилнокаш) аст. Бояд қайд намуд, ки тамоми баданро пӯшида намоз хондан суннат аст. Бе каллапӯш намоз хондан макрӯҳ аст (яъне кароҳат дорад).*

Дар тамоми китобҳои Шариат навишта шудааст, ки бе каллапӯш намоз хондан номатлуб аст, зеро Пайғамбар (с) низ намозро ба сар кулоҳ пӯшида мехонданд".

Дар фасли охир роҷеъ ба мафҳуми ҷиҳод намуду вижагиҳо, мақсаду моҳият, натиҷаву оқибати он суҳбати пурмӯҳтаво, ҳаётиву ибратӣ бо мисолу далелҳои боварибахш ва хотирмон сурат гирифтааст, ки хонанда аз он як ҷаҳон ғизои маънавӣ метавонад бигирад.

**Туғрал ШОКИРОВ,**
*мудири кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор*

... Хумайнӣ
Хоин
Сайёраи Тир
Маркази вил. Хоразм (Ӯзб.)
Нависанда Бернард ...
Ҷазира дар уқёнуси Ором
Баъди он омин мегӯянд



Қиссаи Аваз-ро замза-ма мекунад
По-рахӯр
... задан – ба об пурра даромадан
Зулфия ..., шоира
Камбар, борик
Кулӯлачаҳои кӯрғошимини тир
Қисми сураи Қуръон
В-аз ҳама бад бар тани ту ... аст
Ҳиссачаи инкорӣ, не
Нотаи мусиқӣ
Навъи таъм
Мотам
Хоки биёбонҳо
Авф, гузаштан аз гуноҳ
Олати коркарди замин
Мансаби сардори колхоз
Тамғаи радиотехникаи Ҷопон
Созмон
Асбоби мусиқии миллӣ
Муқобили «рафта»
Гармӣ, ҳарорат
Ширеш
...-ТАСС
Ватани В. И. Ленин
Аорта, артерияи асосии хун
Сурат, расм
Оромӣ
Нақлиёти ду ё сечарха
...мат, яроқи оташфишон
Функсияи тригонометрӣ
Киштии пешоҳанги флот
Пуч, миёнхолӣ
Палов
Касб, пеша
Покӣ, порсоӣ
Яроқи оташфишон
Унвони олии баҳрнавардон
Донишгоҳи маъруфи Англия
Додар (лаҳҷа)
Винсент Ван ..., рассоми голландӣ
Кӯл дар Италия ва Швейтсария
Падар (лаҳҷ.)
Донаи шоҳмот
«Х» дар алгебра
Зоти саг Бетховени кино
Воситаи асосии ахбороти оммавӣ
Шохоби Волга
Парлумони Исландия
Зудӣ, шитоб
Ситораи «Помир»-и с. 70-ум Эдгар ...
Мерос
Одам, башар
Конфети часпаки шӯравӣ
Доруи дарди сар
Зулмдида
Зоти мори печон
Номи зани Горбачёв
ИМА ба русӣ
Ба Худо шарик ёфтан
СНГ (тоҷ.)
Фуруд-гоҳ
... и Беруни
Олиҳаи ғалабаи Юнони Қадим
Пойтахти Перу



Олимон
Деми ..., актрисаи Голливуд
Чини модина
Зани аз озодӣ маҳрум
Одам
Эмотсия
...бонк
Асбоби мусиқии калони клавишадор

**Ҷавоби «СКАНВОРД»-и шумораи 1 январи соли 2015, №1 (980)**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Э | | | О | | | Т | | У | | А | | | К |
| | | | | | | Т | А | Ъ | М | И | Р | Т | А | Л | А | Б | | | А |
| | | | | | | И | | | Н | | О | | Л | | | Р | Е | Л | С |
| | | | | | | К | У | Р | И | | С | А | Ф | И | Н | А | | | И |
| Л | А | М | Б | А | Д | А | | | Б | У | Т | | А | | О | | А | В | Ф |
| | | У | | | У | | | | У | | Г | | | Т | В | Б | | Е | |
| | | М | А | О | Ш | | В | Е | С | П | У | Ч | Ч | И | | А | | С | |
| Н | | И | | | А | Л | И | | | У | | А | | Р | А | К | Е | Т | А |
| О | С | Е | Б | | Н | | Н | А | М | Д | О | Р | | У | | | | | К |
| И | | | А | | Б | | | | | | | Х | У | К | | | | | В |
| Н | А | С | Л | Д | Е | Ҳ | | | | | | З | | А | | | | | А |
| С | | А | | А | | У | | | | | | А | К | М | | | | | Р |
| О | | Т | | Л | | З | | | | | | Н | | О | | | | | Е |
| Ф | А | Р | О | В | О | Н | Ҳ | О | С | И | Л | И | | Н | О | Р | Г | У | Л |

Ҷашнвора

## РАМЗИ 700 – СОЛАГИИ ҲАМАДОНӢ ТАСДИҚ ШУД

**С**ОЛИ 2015 аз 700-солагии алломаи бузурги шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ истиқбол гирифта мешавад. Чанде пеш "рамз"-и ҷашнвораи мазкур тасдиқ гардид. Ҳамакнун, тамоми чорабиниҳои мансуб ба ин ҷашнвора тахти ҳамин рамз баргузор хоҳанд шуд. Ин рамз инчунин дар таълифи китобу мақолаҳо ва арғувонҳои ҷашнӣ истифода мегардад. Гуфта мешавад, омодагиҳо ба пешвози ин ҷашнвора, ки ҳамрадиф ба он 70-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ва Соли пойтахти фарҳангии ИДМ эълон шудани шаҳри Кӯлоб таҷлил мешавад, аллакай дар ин шаҳр оғоз гардидааст. Дар ин доира бунёд ва навсозии бештар аз 200 иншоот ва баргузории даҳҳо чорабиниҳои фарҳангӣ ва конфронсу ҳамоишҳои гуногун дар назар дошта шудааст.

"МХ"




## БА «МИНБАРИ ХАЛҚ» ОБУНА ШАВЕД!




**МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!**

**Маблағи обуна ба ҳафтанома 85 сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳои обунаро метавонед ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...**

**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**

**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН:** 221-25-36, 221-63-21


## Витикс - гель ва таблетка

**ВОСИТАИ БОЭЪТИМОД БАРОИ ТАБОБАТИ ВИТИЛИГО**
**(доғҳои сафеди пӯст)**

"Витикс"-гель ва таблетка воситаи хеле хуби барқароркунандаи **меланин** дар ҳуҷайраҳои аз витилого осебдида буда, пахншавии **Витилиго**-ро дар пӯст пешгирӣ менамояд. Пӯсти сафедшударо табобат ва барқарор менамояд. Мудати табобат то **6** моҳ буда ва шахсоне, ки бо ин осеби бемор зиёда аз **5 - 10** сол гирифторанд муддати табобати он то **1,5** сол давом дорад.




**Тарзи истифода: Витикс гел**-ро дар як рӯз ду маротиба танҳо ба ҳамон қисмҳои пӯсти сафедшуда (бо шоткачаи дар даруни қутти буда) мемоланд. **Витикс-гель** ягон хел маҳдудият ва таъсири манфӣ надошта ба ҳамаи синну сол истифодаааш мумкин аст. Барои тезтар ва пуртаъсир гаштани табобати он, бояд витикс таблетка-ро ҳам истеъмол намоед.

**Истеъмоли он:** 1 донагӣ дар як рӯз 1маротиб дар соати дилхоҳ. Истифодаи худи **Витикс таблетка** бошад ба занҳои ҳомила ва кӯдакони то 10-сола манъ аст.

**Витикс-гель ва таблетка ин инқилоб дар соҳаи дерматология аст!**

**Нархи фурӯши Витикс таблетка ва гель ҳар яке бо арзиши 280 то 320 сомонӣ буда аз дорухонаҳо ва ё бо телефони Душанбе 917 03 91 34; 938-07-89-03; Суғд ва ноҳияҳои он 927-49-33-47 дастрас метавонед кард.**

**ИСТЕҲСОЛКУНАНДА ДАВЛАТИ ФАРОНСА**
**www.vitix.ru e-mail: sales@vitix.ru**


**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи хатми мактаби миёна, бо рақами Т-ШТУ №0211250, ки онро соли 2008 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Балҷувон ба Табаров Ҳабибулло Олимхонович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи силсилаи А №020144 дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки соли 1993 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №47 (ҳоло №55) ноҳияи Рӯдакӣ ба Алиева Шарофат Давлатёровна додааст, эътибор надорад.


## "МАҲСУЛОТИ БЕҲТАРИНИ РОССИЯ"
## БАРОИ ТАБОБАТИ БЕМОРИИ ҚАНД




Душвориҳои рӯзгори гирифторони бемории қандро ба ҷуз худи эшон дигар касе дарку эҳсос ва тасаввур ҳам карда наметавонад. Оре, сангин аст зиндагии гирифторони бемории диабети қанд. Зеро ин беморӣ дар марҳилаҳои гуногун ба тамоми узвҳои инсон таъсири худро мерасонад. Вале чанде пеш дар Русия истеҳсоли давои набототие ба роҳ монда шуд, ки ҳама мушкилоти беморони диабети қандро сабук хоҳад гардонд. Ин даво **"ГАЛЕГА-НОВА"** ном дошта, яке аз **"100 маҳсулоти беҳтарини Русия"** эътироф шудааст. **"ГАЛЕГА-НОВА"** барои табобати навъҳои 1 ва 2- юми диабети қанд ва пайтаъсирҳо (оспожнения)-и он пешбинӣ гардида, барои рафъи таъсири ин беморӣ ба чашмон, гурдаҳо ва пойҳо, ҳамзамон барои шаклҳои гуногуни фарбеҳшавӣ ва бемории варикозӣ истифода бурда мешавад. **"ГАЛЕГА-НОВА"**-ро ашхоси вобастаи инсулин низ метавонанд истифода баранд. **"ГАЛЕГА-НОВА"** сатҳи қанд ва холестеринро дар хун паст намуда, имкон фароҳам меорад, ки давоҳои кимиёӣ камтар истифода бурда шаванд.

Истеъмоли даво - якқошуқчагӣ рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл об. Мӯҳлати табобат аз 30 то 90 рӯз, танаффус 30 рӯз. Пасон метавонед боз ин даворо истифода бубаред. Безарар аст ва одаткуниро ба вуҷуд намеорад. Истеҳсолкунандагони **"ГАЛЕГА-НОВА"** боварӣ доранд, ки маҳсулоти онҳо беморонро хуш меояд.


**Аҳли қаламӣ нашрияи "Минбари халқ" ба мусаҳҳеҳи ҳафтанома Сабоҳат Худоёрбекова нисбати даргузашти**
**ПАДАРАШ**
**изҳори ҳамдардӣ намуда, бароящ аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд.**

**Кормандони дастгоҳи Кумитаи марказии иттифоқи касабаи "Тоҷикметалл" ба узви ҲХДТ, раиси кумитаи иттифоки касабаи соҳавӣ дар вилояти Суғд Зикиряев Юнус Турахоҷаевич нисбати даргузашти**
**ПАДАРАШ**
**изҳори ҳамдардӣ намуда, ба эшон аз даргоҳи илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.**


## "СУПЕР САБЕЛЬНИК" - БА МЕЪДА ЗАРАР НАРАСОНИДА, ДАРДУ СӮЗИШРО БАРТАРАФ МЕСОЗАД!

Растании қатра-оби **"Супер Сабельник"** таъсири воқеан ҳайратангез дорад. Он ҳангоми табобати бемориҳои **артрит (устухону буғумҳо)** ва **артроз (сутунмӯҳра)** давои беҳамтост. **Намакро хориҷ, дарду сӯзишро бартараф, варам ва шамолхӯрии буғумҳоро нест мекунад ва беҷошавӣ, рагкаширо бартараф менамояд.**

Аксари воситаҳои рафъкунандаи дард, *(ампулаҳо ва дигар доруҳо, ҳангоми истеъмол)* ба меъда таъсири ҳалокатовар доранд. Аммо гиёҳӣ қатраобии **"Супер Сабельник"** баръакс онро табобат мекунад. Ҳангоми харидорӣ намудани **"Супер Сабельник"** бояд дар навиштаҷоти он **"Целебные травы"** дида шавад. Зеро маҳз ҳамин навъи маҳсулот дар таркибаш спирт ва қанд надорад, аз ин рӯ истеъмоли он барои ашхосе, ки гирифтори бемории қанд ва фарбеҳиянд безарар аст. **Истифода:** аз 10 сола боло ва ба ҳамаи синну сол 10-20 чакрагӣ 2 бор давоми 1 моҳ истеъмол намоед. Шахсоне, ки дардашон кӯҳна асту муддати табобатро тӯлонӣ давом додан мехоҳанд, истеъмоли он мумкин аст. **Нархи фурӯш:** 27 сомонӣ.




**ИСТЕҲСОЛИ РУСИЯ. АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!**



НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**

**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*

**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*

**www.tribun.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:**
Хусрав Дӯстов

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:**
Ҷумъа Қуддус, Толиби Луқмон,
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 49190 нусха**


